Лоиҳа аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо маблағгузорӣ мешавад

Лоиҳа аз ҷониби Hilfswerk Austria International амалӣ мегардад

Мавод барои марказҳои захиравии корхонаҳои таълимӣ- истеҳсолӣ дар доираи лоиҳаи **«Дастгирии корхонаҳои хурд ва миёна (КХМ) оид ба коркарди маҳсулоти меваю сабзавот дар Тоҷикистон»** мураттаб гардидааст.

«Таҳлили татбиқи лоиҳа оид ба коркарди донаки зардолу»

Муҳаққиқ: Бахтиёр Абдувохидов

Ассотсиатсияи Зиёиёни-Илмӣ Техникии Тоҷикистон
Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Ленин-85а.
тел: (992 3422) 62432. Почтаи электронӣ: asti@sugdinter.com

Роҳнамои мазкур бо дастгирии молиявии созмони **Иттиҳоди Аврупо дар доираи барномаи «Центральная Азия - Инвест»** таҳия ва нашр гардидааст. Афкори нашрияи мазкур ифодагари ҳатмии сиёсат ва мавқеи созмони Иттиҳоди Аврупо намебошад.

Сентябри 2009

Thank you for using PDF Suite

	Мундариҷа	Саҳ.
	Муқаддима	**3**
1.	**Мақсад, метод ва географияи тадқиқот.**	**4**
2.	**Тавсифи маҳсулот.**	**4**
3.	**Тадқиқоти маркетингӣ.**	**8**
4.	**Тадқиқот оид ба ташкил ва менеҷмент.**	**12**
5.	**Асосноккунии техникӣ.**	**17**
6.	**Тадқиқоти молиявӣ.**	**28**
7.	**Хавфҳои амалиётӣ ва қонунгузорӣ.**	**29**
	Хулосаи асосноккунии техникӣ-иқтисодӣ.	

Ихтисораҳо

БХМ – бизнеси хурду миёна
ФР –Федератсияи Россия

Қурби 1 доллари ИМА дар лаҳзаи таҳқиқот 4,40 сомониро ташкил мекард.

Thank you for trying PDF Suite

«Бигузор гизои ту давои олӣ,
Давои ту - гизоят бошад».
Ҳиппократ.

Муқаддима

Hilfswerk Austria International дар ҳамкорӣ бо Ассотсиатсияи зиёиёни илмӣ-техникӣ лоиҳаи «Дастгирии корхонаҳои хурду миёна оид ба коркарди маҳсулоти меваву сабзавот дар Тоҷикистон»-ро татбиқ менамояд, ки аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо дар барномаи “Азия – Инвести Марказӣ ” маблағгузорӣ мегардад.

Мақсади барнома иборат аз мусоидат ба бештар кардани ҳамкории субъектҳои гуногуни агробизнес дар вилоятҳои Суғду Хатлон аз тариқи татбиқи ғояҳои нави бизнесӣ - тиҷоратӣ, беҳтар кардани хизматрасонӣ ба воситаи дастгирии корхонаҳои хурду миёна нигаронида шуда ва ҳамзамон фаъол кардани сектори коркард ва бастбандии маҳсулоти ғизоӣ мебошад.

Дар ҳудуди лоиҳаи мазкур дар моҳи июни соли 2009 Ассосиатсияи зиёиёни илмӣ-техникӣ ташаббусгари татбиқи тадқиқот оид ба таҳлили татбиқшавии лоиҳа оид ба коркарди донаки зардолу ва маҳсулоти аз он истеҳсолшаванда гардид.

Тадқиқоти мазкур дар Тоҷикистон бо истифода аз сарчашмаҳои дуюмдараҷа анҷом дода шуда, аз маводи «Тадқиқоти маркетингӣ оид ба муқаррар кардани бозорҳои имконпазири фурӯши равғани донак», ки дар моҳи декабри соли 2006 дар Ӯзбакистон ва Қазоқистон, ҳамчунин тадқиқоти гузаронидашуда дар маҳалҳои парвариши зардолу дар ноҳияҳои Конибодому Исфараи вилояти Суғд истифода гардидааст. Барои тадқиқоти мазкур дар Идораи кишоварзии вилояти Суғд бо савдогарони донаки зардолу ва пӯстлохи он, фермерҳо, сармуҳандиси корхонаи консервбарории Хуҷанд Қаюмов, ки дар солҳои 80 равғани зардолу истеҳсол мекард, вохӯрӣ гузаронида шуд.

Мувофиқи дархости техникӣ, техника ва технологияи истеҳсолот, бозори фурӯш объекти мавриди тадқиқот қарор гирифт. Инчунин маълумоти зарурӣ аз тариқи интервью ва мушоҳидаҳо, интервьюи сифатӣ ҷамъоварӣ карда шуд.

Тадқиқоти мазкур барои ҳамаи соҳибкорон, намояндагони ассотсиатсияҳои ихтисосӣ, фермерон-соҳибкорон, коркардкунандагон ва ассотсиатсияҳои маркетингӣ, ки масъалаҳои вусъат додани истеҳсолот ва маблағгузориро меомӯзанд, муфид ва судманд мебошад. Кори мазкур масъалаҳои банақшагирии соҳибкориро содда карда дар қабули қарорҳои дурусти соҳибкорӣ кӯмаку мусоидати ҳамаҷониба менамояд.

Ҳисоботи мазкур аз 7 қисм иборат мебошад. Дар қисми якуми ҳисобот мақсадҳо, методҳо ва географияи тадқиқот муқаррар гардидааст. Дар қисми дуюми он тавсифоти муфассали маҳсулоти коркарди партовҳои зардолу, аз ҷумла пӯстлохи он, мағзи (ядрои) зардолу ва равғани он, истифодаи он ва сифатҳои фоиданоки он шарҳу тавсифи ҳамаҷониба пайдо намудааст. Дар қисми сеюми он таҳлили асосноккунии лоиҳа, ки аз муқаррар кардани имконияти маркетинги маҳсулот, навъи мазкури маҳсулот, нархсозӣ, тавсифоти истеъмолгарон дода шудааст. Дар қисми чаҳоруми тадқиқот оид ба ташкил ва менеҷменти маҳсулот таҳлили анвои гуногуни ширкатҳо аз нигоҳи ташкили бизнес, сохтори ташкилии ширкат, тавсифи идоракунии ширкат, кодекси намунавии рафтор дар ширкат, методҳои ҳавасмандкунии кормандон шарҳу маънидод гардидааст. Дар қисми панҷуми ҳисоботи мазкур асосноккунии

Thank you for using PDF Suite

техникии лоиҳа пешниҳод шудааст, ки дар он таҷҳизот, ҷойгиршавии бизнес, технологияи он шарҳ дода шудааст. Тадқиқоту барраси молиявӣ дар қисми шашуми кори мазкур ҷой дода шудааст. Дар охири кор таҳлилу баррасии хавфҳои амалиётӣ ва қонунгузории ширкат тавсиф дода шудааст. Ҳисоботи мазкур бо пешниҳодоти хулосаҳо ва натичагириҳо пиромуни имконияти татбиқи барнома оид ба коркарди донаки зардолу ва маҳсулоти аз он истеҳсолшаванда ба охир мерасад.

1. Мақсад, методҳо ва географияи тадқиқот.

Мақсади тадқиқот ин муқаррар кардани имконияти татбиқи лоиҳа оид ба коркарди партовҳои зардолу дар ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи намояндагони марказҳои тиҷоратии хурду миёна тавассути асосноккунии техникӣ-иқтисодии лоиҳа мебошад.

Методҳои тадқиқот. Барои татбиқи тадқиқот асосан сарчашмаҳои дуюмдараҷа, маводи шабакаи интернет, маводи нашрияҳо, аз ҷумла маводи тадқиқоти аз ҷониби ҶММ “Маркет-Плюс” гузаронидашудаи «Тадқиқоти маркетингӣ оид ба муқаррар кардани бозорҳои имконпазири фурӯши равғани донаки зардолу», ки дар моҳи декабри соли 2006 гузаронида шуда буд, аз ҷумла тадқиқоти аз маҳаллоти парвариши зардолу истифода гаридидааст. Объектҳои мавриди тадқиқоту баррасии мавҷудаи кор мувофиқи дархости техникӣ, техника ва технологияи истеҳсолот, бозорҳои фурӯш буданд. Ҳамин тавр, маълумоти зарурӣ аз тариқи интервью ва мушоҳидаҳо, интервьюи сифатӣ ҷамъоварӣ гардидааст. Ҳамин тавр. дар рафти тадқиқот методҳои сифатӣ ва воситаҳо дар шакли сафарҳо ва мушоҳидаҳо, татбиқи интервьюҳо, омӯзиши маълумот ва маводи мавриди зарурат аз маҳалҳо ва ҷойҳо истифода гардидааст.

Дар кори мазкур сухан аз ҷониби як шахси намояндаи ширкати тасаввуршавандае, ки ҳудуди маҳдуд кардани шумораи кормандонаш аз 10 то 50 нафарро ташкил менамояд ва бо сармоягузории то андозаи 100,000 доллари ИМА мавриди истифода қарор гирифтааст.

Географияи тадқиқот. Тамоми тадқиқот дар Тоҷикистон, аз ҷумла дар ноҳияҳои Конибодом ва Исфараи вилояти Суғд гузаронида шудааст. Ба ғайр аз ин, маводи тадқиқотҳои пештара низ мавриди истифода қарор ёфтааст, ки аз ҷониби муаллиф соли 2006 дар кишвари Ӯзбакистон ва ҷумҳурии Қазоқистон анҷом гирифта буд.

2. Тавсифоти маҳсулот.

Зардолу ҳамчун меваи тавлидшуда.

Зардолу (дар забони лотинӣ Armeniaca Prunus, "Армянская слива" – олуи арманӣ) дорои гӯшти гирди донаи обдор, сатҳаш фаровардашуда, донакаш каму беш суфта мебошад. Дарахти он то андозаи 15 ва ё бештар аз он метр баландӣ дошта, қисми болоии дарахт хамии нодуруст ва танааш то 25—30 см дар диаметр мерасад; аксаран танаи он дар баландии 0,5 - 2 м аз асосаш шоха мекунад. Шохаҳояш луч, баргҳояш калон, дарозии он 6-9 см буда, шакли гуногун доранд, инчунин тухмшакли васеъ ва ё эллипсшакл бо қуллаи кашидашудаи хаттӣ-лансетӣ, канорҳои он дорои дандонакҳои майда, бо новачаҳои дарози сурхи баланд дар пояи барг мебошанд.

Thank you for trying PDFSuite

Зардолу дар моҳҳои март-апрел гул мекунад. Гулҳояш сафед ва ё гулобӣ, қариб ба ҳам часпида менамоянд. Меваш дар моҳҳои июл-август пухта мерасад. Бо мақсадҳои табобатӣ тухми он — донаки зардолу ҷамъоварӣ ва истифода карда мешавад.

Паҳншавӣ. Зардолуии парваридашуда дар тамоми маҳалҳои Тоҷикистон паҳну парешон шудааст, аммо майдони бештари густариши он дар ноҳияҳои Исфара, Конибодом, Бобоҷон Ғафуров ва Ашти вилояти Суғд мавҷуд мебошанд.

Таркиб. Зардолуи хушкмеваии Осиёи марказӣ нисбат ба ҳисобкунии вазни хушки он дорои таркиби 79% қанд, аз ҷумла то андозаи 49% (моддаи қандддор) сахароза ба шумор меравад. Нисбат ба мавҷудияти витамини А, зардолу аз испаноқ ва зардии тухм кам фарқ мекунад, аммо бояд зикр намуд, ки дар он витамини С ба миқдори кам мавҷуд мебошад.

Вақти ҷамъоварӣ маҳсулот моҳҳои июн—июл ҳисоб мешавад. Донаки зардолуи тайёр ва тоза кардашударо дар ҳавои кушод хушк кардан мумкин аст.

Зардолу дар истеҳсолоти конервабарорӣ истифода карда шуда аз он компот, оби мева тайёр менамоянд. Ҳамчунин бо миқдори зиёд онро барои тайёр кардани баргак ва таркибҳои хушкмевагӣ истифода менамоянд.

Донаки зардолу ҳамчун партови истеҳсолот.

Дарахти зардолуро мардум дарахти бепартов меноманд. Ҳангоми буридани шохаҳои дарахтон дар мавсими баҳор, ин шохаҳои зардолу ҳамчун ҳезум истифода гардида, бинобар сифати хуби оташгирӣ ва ба монанди ангишт хеле маъруфу маълум мебошанд. Ҳамчунин муми дарахти он, ки аз кафидаҳои пӯстлохи танааш метаровад, ба сифати муми воридотии арабӣ барои эмулгатсияи эмулсияҳои равғанӣ истифода мешавад. Аммо бо вуҷуди он меваи зардолу сабаби ба даст овардани даромад буда, муҳим он аст, ки партовҳои коркарди зардолу дақиқтар баррасӣ карда шаванд. Аз ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаҷми зиёди маҳсулоти баргаки он содир карда мешавад, ки он зардолуи бедонаки хушконидашуда мебошад, инчунин корхонаҳои консервабарорӣ ҳаҷми зиёди оби зардолуро низ ҳамасола истеҳсол менамоянд, ки ин тамоми воситаҳои мазкури коркарди партовҳоро ба шакли донакҳо дар назар доранд. Донаки зардолуро фермерону корхонаҳои консервабарорӣ тоза мекунанд ва онҳо ҳамчун предметҳои алоҳидаи хариду фурӯш ба ҳисоб мераванд. Самти асосии тавлидоти онҳо – иборат аз ҷудо кардани мағзи донаки он ва фурӯши он дар шакли хом ва бирён мебошад. Ҳамин тавр, мо имкониятҳои истифодабарии партовҳои дуюмдараҷаи баъди истеҳсоли баргаки зардолуро баррасӣ менамоем:

- Пӯстлохи зардолу:
  - Ба сифати маводи сӯхт ҳамчун мавод барои тайёр кардани ғизо ва гармкунӣ истифода карда мешавад.
  - Хокаи судаи он низ истифода мешавад:
    - Дар таркиби ширеш барои истеҳсоли ширеши мебел мавҷуд аст;
    - Дар маҳлулҳое, ки барои эҳё ва барқароркунии нигораҳо истифода мешавад;
    - Барои сайқал додани таҷҳизоти қайҳонӣ ва ҳавопаймоӣ зарур аст;
    - Барои истеҳсоли рангҳои молиданӣ истифода мегардад;
    - Барои истеҳсоли скрабҳои (креми донакдор) нафиси пӯсттозакунанда истифода мешавад.

Thank you for using PDF Suite

- Барои истеҳсоли софкориҳои маҳсулоти ангиштӣ истифода мегардад. Софкорҳои дорои аррамайдаи донаи зардолудор хеле арзишнок буда, онҳо ҳамчун софкорҳои катионӣ дар истеҳсолоти маҳсулоти шароб хеле фаровон қобили истифода мебошад.

- Мағзи зардолу.
  - Тухмии маҳсулоти зардолу дорои гликозиди амигдалин – асоси витамин B17 мебошад.
  - Тухмии маҳсулоти зардолу 30—40% дорои чарб буда, он барои истеҳсоли равғани зардолу истифода мегардад[1].
  - Тухмии маҳсулоти зардолу дар ретсептҳои мураббои зардолугӣ, кулчақандҳои навъи италиявӣ ва арақи намуди Amaretto истифода мешавад.

Мағзи донаки зардолу дар байни донандагон ва истеъмолгарони он ҳамчун моддаи дорои миқдори зиёди амигдалин, гликозидҳои заҳрноки цианогенӣ маъруф аст. Мағзи зардолу баъзан метавонад дорои маззаву таъми талх низ бошад. Ҳангоми бисёр истеъмол кардани мағзи зардолу он метавонад сабаби заҳролудшавӣ бо сианидҳо, аз ҷумла дилбеҳузурӣ, варача, хориши пӯст, сардардӣ, инсомнию, ташнагии зиёд, беҳолӣ, летаргия, асабоният, дардҳои гуногун ва дарди пайванду мушакҳо, паст шудани фишори хун гардад. Амигдалин, ки инчунин бо номи лаетриль ва ё витамини B17 машҳур аст, барои табобати саратон аз ҷониби дониманди химия Эрнст Креб истифода шудааст. Ба ҳисоби миёна мағзи донаки зардолу дорои 0.5mg цианид мебошад.

Равғани мағзи донаки зардолу дар 100 грамми худ дорои қиматнокии ғизоии 883 калория ба хисоб меравад.
Аз ҷумла, чарби он дорои калория: 100%

- Ҳамагӣ чарб: 100 гр.
- Чарбҳои сер: 6.3 гр.
- Чарбҳои моносер: 60 гр.
- Чарбҳои нимасер: 29.3 гр.
- Холестирол: 0 миллиграмм
- Мавҷудияти витаминҳо Витамини A: 0, Витамини C: 0, Витамини E: 4 mg (13% DV), Витамини K: 0, Витамини B6: 0, Витамини B12: 0, минералҳо (кальций, оҳан ва ғайра): 0

Мағзи донаки зардолу дар байни моддаҳои дигар дорои ҳаҷми зиёдтарини витамини B-17 ба шумор меравад. Онҳо хоида истифода мешаванд ва талх буда метавонанд ва зарурати моро дар парҳез қонеъ менамоянд. Тухмии талхи зардолу барои организми мо хеле муфид мебошад. Дар айни ҳол мутахассисони парҳезкорӣ истеъмолу истифодаи донакҳои зардолуи талхро бо асал ва қиёмҳо тавсия медиҳанд. Сабаби асосии муфид будани донаки зардолу – ин дар табобати бемориҳои саратон истифода шудани он мебошад. Ҳамчун пешгирӣ, мувофиқи таъкиди Доктор Кребса (олиме, ки маводи B-17-ро кашф намудааст) ҳафт ва ё зиёдтар мағзи зардолу дар як рӯз инкишофи бемориҳои саратонро тамоми умр пешгирӣ менамоянд. Як ва ё ду ҳаб (100 мг) витамини B-17 миқдори пешбинишудаи рӯзона мебошад.

Равғани Зардолу.

[1] Истеҳсоли равғани донаки зардолу ва истифодаи он минбаъд дар кор муфассалтар шарҳ дода мешавад.

Thank you for trying ABBYY PDF Suite

Донаки зардолу миқдори зиёди равған дорад, ки фишурда гирифтани он имконият медиҳад, ки ассортименти равғанҳои ғизоӣ ва дорусозиро зиёд карда шавад. Махсусан бинобар он, ки коркарди донаки мева барои муассисаҳои равғанбарорӣ чандон мушкилоте эҷод наменамояд. Ин равғани чарбиро аз тухмии зардолу аз тариқи фишурдани сард ҳосил менамоянд (аз ҳаҷми умумии мағзи донак 48-80 % ҳосил мешавад). Ба таркиби маҳсулоти он дохил мешаванд: 20% сафеда, 57% туршиҳои чарбии полиносер, 20% қанд, 1,6% туршиҳои органикӣ, гурӯҳи витаминҳои В, С, Д Е, моддаҳои пектинӣ, ферментҳо, моддаҳои минералӣ К, Са, Fe, Mn, Cu, J, Zn. Мавҷудияти миқдори зиёди витамини А (22%), қуввои босираро беҳтар менамоянд. Миқдори зиёди чарбҳои турши полисер (57%), ки дар равған мавҷуд аст, дар организми инсон ҳормонҳои бофтаиро ташаккул дода, ба табодули моддаҳо фаъолона таъсир мерасонанд. Махсусан дар равғани зардолу нисбат ба дигар равғанҳои мавҷуда витамини F зиёдтар мебошад. Равғани зардолу дорои фаъолияти олии биологӣ ба шумор меравад.

Расми 1. Равғани зардолу, Ӯзбакистон

Ба ғайр аз он, барои беморони камхунӣ, равғани зардолу бинобар дорои миқдори зиёди оҳан, кобалт ва мис буданаш, ки барои хунофарӣ хеле заруранд метавонад ҳамеша ҳамроҳи инсон бошад. Миқдори оптималии марганец ва фосфор, ки дар ташаккулёбии моддаҳои устухон иштирок менамоянд, табодули фосфорӣ – калсийиро муназзам менамояд ва раванди пиршавиро суст карда аз пайдоиши ожангҳо пешгирӣ менамоянд. Фоиданокии равғани зардолу боз дар он аст, ки он дорои миқдори зиёди чарбҳои моносатуринишуда буда туршиҳои чарбӣ надорад.

Истифодаи равғани зардолу барои пешгирии бемориҳои гуногун мусоидат менамояд: гиповитаминоз, бемориҳои гурда, бемориҳои дил ва рагҳои дил, гастрит, қабзият, бемориҳои рӯдаю меъда, сулфа, ҳиққак, бемориҳои низоми асаб, стрессҳо, бемориҳои ғудуди сипаршакл, диабети қанд, аллергия, рахит. Равғани зардолу барои аз организм бароварда шудани миқдори об мусоидат менамояд.

Минбаъд мо соҳахои истифодашавии равғани зардолуро шарҳу тавсиф менамоем:

- ***Пешгирии бемориҳои гуногун. Истифодаи равғани з***ардолу дар пешгирии бемориҳои гуногун: гипоавитаминоз, бемориҳои гурда, бемориҳои дилу рагҳои дил, гастрит, қабзият, бемориҳои меъдаву рӯда, сулфа, ҳиккак, бемориҳои низоми асаб, стресс, бемориҳои ғадуди сипаршакл, диабети қанд, аллергия, рахит мусоидат мекунад. Онро истифода карда истеъмолкунанда организми худро ғанӣ гардонида ҳолати саломатии худро беҳтар ва хубтар месозад.
- ***Дар воситаҳои косметологӣ. Таркиби ақлонии моддаҳои табиӣ*** аз ҷиҳати экологӣ тоза ба пӯсти даври чашмон таъсири нарм карда барои ҳама синну сол мувофиқ ва дар шароити иқлими гуногун зебоиро муҳофизаткунанда мебошад. Равған хуб ҷазб гардида ба қисмҳои чуқури пӯст ворид шуда онро ғизо медиҳад ва онро пӯст хуб ҳал мекунад. Он дар ҳолати камбудии моддаҳои ғизоӣ ва таъсири номувофиқи иқлим воситаи беҳтарин ба шумор меравад. Истифодаи соддаю примитивии

он доғҳои равғанӣ намонда аз ҷиҳати экологӣ тоза, воситаи беҳтарини нигоҳубини пӯсти атрофи чашмон мебошад. Равғане, ки аз донаки зардолу истеҳсол шудааст, таркиби аз витамин ва минералҳо бой дошта, барои барқарор кардани қисматҳои ҳассоси пӯсти осебёфта, пӯшҳои луҳобӣ воситаи хуб ба ҳисоб меравад. Он дорои хусусияти нармкунанда буда, пӯстро нарму нафис менамояд ва кори ғадудҳои чармсозро муназзам месозад. Он барои маскаҳои бобати пӯсти хушк зиёд истифодашаванда мавриди истифода қарор мегирад.

- ***Бо мақсадҳои тиббӣ.*** Равғани зардолу метавонад ҳангоми маҳлул кардани камфара барои зарқи зерипӯстӣ истифода мегардад. Ба ғайр аз ин, равғани зардолу дар табобати аз офтоб сӯхтани пӯст, аллергия, муассир истифода шуда қобилияти зидди тарбод ва фотомуҳофизаткунандагӣ дорад.
- ***Дар ароматерапия ва истеҳсоли равғанҳои эфирӣ.*** Равғани зардолу метавонад ҳам алоҳида ва ҳам ба сифати равғани интиқолӣ истифода гардад. Одатан равғани зардолуро ба сифати равғани интиқолӣ ва равғани эфирӣ меандозанд (3-4 қатра равғани эфирӣ ба 20 г интиқолӣ). Истифодабарии равғанҳои интиқолӣ бо сифати қиматноки онҳо вобаста мебошад: ба таркибҳои равғани эфирӣ бахшидани устуворӣ, зидди суст кардани таъсири хушбӯйкунандаи он дар алоқамандӣ бо ҳаво, об, пӯст баромад кардани он. Бояд таъкид гардад, ки гарчанде равғанҳои интиқолӣ ва эфириро равған номанд ҳам, онҳо аз ҳамдигар бо чандин нишонаи худ хеле фарқ мекунанд. Равғанҳои интиқолӣ мустақилона ва ё ҳамроҳи равғанҳои эфирӣ танҳо барои истифодаи берунӣ пешбинӣ шудааст (масҳгириҳо, ваннаҳо, массаж).
- ***Ҳамчун равғани массажӣ.*** Дар ин ҳолат истифодаи асосии равғани мазкур дар ҷаҳон ҳамчун равғани массажӣ ва ё равған барои бадан мебошад, зеро он дорои хусусияти ҷазбшавӣ ба пӯст бе эҳсоси чарбишавӣ буда, онро ба истилоҳ «махмалӣ» мекунад, ҳамчунин он намиро нигоҳ дошта, пӯстро барқарор менамояд. Чунин хусусияти онро барои маҷмӯи моддаҳои косметикӣ - ороишӣ барои пӯсти пиршуда ва хушк хеле ҷолиб менамоянд.
- ***Ҳамчун равғани гизоӣ.*** Равғанҳои ғизоии растанигӣ – чарбҳои растанӣ мебошанд, ки аз тухмӣ ва ё меваи растаниҳо бо роҳи фишурдан ҳосил мешаванд. Зичии онҳо - аз 0,9 то 0,98 г/см^3, рангаш аз зарди равшан то сурхи ҷигарӣ мебошад. Аксари равғанҳои растанӣ маҳсулоти заруртарини ғизоӣ мебошанд. Қиматнокии асосии ғизоии равғанҳои растанӣ хусусияти дорои миқдори зиёди триглицеридҳои туршиҳои чарбии олӣ буданашон аст: то андозаи 70% - дар равғани чормағзи заминӣ; 60-62% - равғани харбуза, расторопши; 57 % - дар равғани зардолу, то андозаи 50% - дар равғани офтобпараст мебошад. Он ҳамчунин метавонад дар тайёр кардани ғизо дар ҳароратҳои баланд истифода гардад, зеро ҳарорати обшавии он нисбат ба чарбҳои дигар баландтар ба ҳисоб меравад. Инчунин он барои омехта кардани хӯришҳо истифода мегардад. Истифодаи равған дар таббохӣ - хӯрокпазӣ асосан вобаста бо хусусияти пешгирии бемориҳо доштани он мебошад.
- Дар равғани мазкур миқдори назарраси туршиҳои чарбии носер мавҷуд аст (олеинӣ ва линолӣ) дар таркиби равғани донаки зардолуе, ки дар Тоҷикистон мерӯяд, онро ба сифати иловаи фаъоли биологӣ тавсия менамоянд.

Ҷадвали 1. Таркиб ва тавсифоти равғани зардолу:

№ п/п	Шохисҳо	Нишондиҳандаҳо
1.	Мавҷудияти равған дар тухмии зардолу	49,1%
2.	Намуди зоҳирӣ	Моеъи якнавохти шаффофи дорои бӯи нафиси махсус, рангаш зарди баланд
3.	pH	6,75
4.	Нишонаи шикасташавӣ	1,471
5.	зичӣ, г/см3	0,9165
6.	Рақами йодӣ	98
7.	Рақами туршӣ	2,1
8.	Рақами собуншавӣ	191

Равғани зардолу дар комбинати консервабарории шаҳри Хуҷанд дар соли 1994 бо партияи таҷрибавӣ бо ҳаҷми 100 кг, бо методи фишурдани сард истеҳсол гардида буд. Аммо истеҳсоли минбаъдаи он ба роҳ монда нашудааст, чунки таҷҳизоти зарурӣ низ мавҷуд нест.

3. Тадқиқоти маркетингӣ.

Дар ҷумҳурии Тоҷикистон пӯстлох ва мағзи донаки зардолу аз тарафи аҳолии кишвар ҳангоми истеҳсоли баргаки содиршаванда барои Россия истеҳсол мегардад. Дар навоҳии Исфара ва Конибодом бозорҳои яклухтфурӯшӣ низ мавҷуд аст, ки дар онҳо донаки зардолу ва мағзи тозакардашудаи зардолу ба фурӯш бароварда мешавад. Мағзи донаки зардолу ба сифати «бодом» дар бозорҳои соҳавӣ, асосан дар шаҳри Душанбе фурӯхта мешавад.

Пӯстлохе, ки баъди ҷудо кардани донаки зардолу боқӣ мемонад, ба аҳолӣ фурӯхта ва ё ба ҳайси музди меҳнат дода мешавад. Пӯстлохро ба сифати сӯзишворӣ барои гармшавии хонаҳо ё пухтани ғизо, хӯрокворӣ истифода мегардад.

Равғани зардолу дар лаҳзаи татбиқи тадқиқоти мазкур истеҳсол намегардад, зеро бозорҳои ба роҳ мондашудаи фурӯш надорад. Ба андешаи мо, агар равғани зардолу дар Тоҷикистон истеҳсол гардад, он бояд барои содирот пешбинӣ гардида, бозорҳои содироти он бо тадқиқоти маркетингӣ муайян карда шаванд. Дар байни кишварҳои имконпазир метавонанд бозорҳои федератсияи Россия ва кишварҳои Аврупо пешбинӣ карда шаванд. Дар Федератсияи Россия 2 истеҳсолкунандаи равғани зардолу мавҷуд аст, ки метавонанд рақобат намоянд. Ин истеҳсолкунандагон ҶММ «НПП «Дары природы» дар шаҳри Томск ва ҶС «Биаск», ки дар шаҳри Москва мебошанд. Маҳсулоти ширкатҳои мазкур дар бозор дархостшуда мебошанд ва харидор худро низ доранд. Минбаъд мо SWOT – таҳлилро пешниҳод мекунем, ки барои ширкати имконпазири тахайюлӣ, намояндаи БХМ дар ҷумҳурии Тоҷикистон, истеҳсолкунандаи равғани зардолу тартиб дода шудааст.

SWOT – таҳлили ширкат.

Тарафҳои пурқувват	Тарафҳои камқувват
• Дастрасӣ ва наздикӣ	• Тиҷорати ибтидоӣ (ҳеҷ кас бо

Thank you for trying PDF Suite

доштан ба ашёи хом. • Қувваи кории арзон • Нархи нисбатан пасттар дар муқоиса бо рақибон. • Харидории таҷҳизот ва технология имконият медиҳад, ки истеҳсолоти дигар равғанҳои донакӣ вусъат ва инкишоф дода шавад.	тиҷорати мазкур дар ҷумҳурии Тоҷикистон машғул нест). • БХМ наметавонад таҷҳизоти ҳозиразамонро барои коркарди босифат ва бастабандӣ харидорӣ намояд. • Маҳсулоти рақобатнок қабул шуда дар бозор харидор дорад. • Маҳсулоти нави тоҷикӣ ба истеъмолгарон то андозае ошно нест.
Имкониятҳо	Хавфхо
•	Ҳосили паст ва ё баландшавии нарх ба ашёи хом дар Тоҷикистон.

Тадқиқоти дар шаҳри Алмаато (ҷумҳурии Қазоқистон) оид ба имкониятҳои фурӯши равғани зардолу дар соҳаи равғанҳои ғизоӣ татбиқ гардида нишон медиҳад, ки маҳсулоти монанди он дар пештоқи мағозаҳои кишвари Қазоқистон мавҷуд нест[2]. Соҳае, ки дар он мо метавонем равғани зардолуро ҳамчун равғанҳои ғизоӣ пешниҳод намоем, онро бо нархи наздики 5 доллари ИМА дар назар доранд. Дар ин соҳа равғанҳои зайтун ва чормағз бештар фурӯхта мешаванд. Барои муайян кардани бозор ва ҳаҷми имконпазири фурӯши он, ҳамчунин муқаррар кардани нархи қобили қабул ва фоиданоки он барои харидорон, дар нуқтаҳои савдои чаканаи шаҳри Алмаато тадқиқот гузаронида шуд. Аз ҷумла тадқиқот дар супермаркетҳои «Юбилейный», «Гросс», «Рамстор», «SM-market», универсами «Сотка» ва дигар субъектҳои савдои чакана анҷом дода шуд. Чи тавре ки мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, шакли мазкури равғанҳои донакӣ ҳам барои фурӯшанда ва ҳам барои харидор номаълум боқӣ мемонад.

Таъкид кардани он мавзӯъ муҳим аст, ки нишонаҳои номаълуми савдо таҳти консигнатсия фурӯхта мешавад, яъне пардохти онҳо бо мурури фурӯхта шудани мол татбиқ карда мешаванд. Дар ҳолати таҳти консигнатсия кор кардан бизнес бо воситаҳои фурӯшанда пеш бурда мешавад, ки ин ҳолат маблағгузории амалиёти тиҷоратиро барои вақти тӯлонӣ тақозо менамояд. Воситаҳое, ки аз фурӯш гирифта мешаванд, метавонанд барои пешниҳоди мол бо мақсади дар оянда зиёд кардани ҳаҷми истеҳсолоти он, яъне барои зиёд кардани ҳаҷми фурӯш истифода мешаванд.

Бинобар он, ки маҳсулоти пешниҳодкардаи мо ба ғайр аз хӯрокворӣ метавонад дар истеҳсолоти атриёт ба кор бурда шавад, дар ҷустуҷӯи харидори имконпазир дар шахси ширкатҳои атриёт, мо кӯшишҳои бо баъзеи онҳо тамос гирифанро пеш гирифтем, ки ба ҳайси ашёи хом равғанҳои моро истифода бурда метавонанд. Субъекти тадқиқот Т.О.О. «Парфюмерная косметическая фабрика УРКЕР КОСМЕТИК»[3] қарор гирифт. Навъи фаъолияти асосии ширкати мазкур истеҳсоли воситаҳои атриёт ва косметикӣ – ороишӣ мебошад. Ба қавли роҳбари корхона, равғани донак маҳсулоти ҷолиб, аммо ба онҳо аз нуқтаи назари таркиб ва имкониятҳояш номаълум мебошад. Ҳоло барои онҳо зарурат

[2] Мавзӯоти мавриди таҳқиқ дар кишвари Қазоқистон равғанҳои зардолу, олу ва шафтолуе, ки дар Ӯзбакистон истеҳсол шуда ва ба воситаи пет-зарфҳои 500 грамма рехта шуда, бо нархи 4 доллари ИМА бо шарти EXW мувофиқи Инкотермс фурӯхта мешаванд, баррасӣ гардид.

[3] Фабрика бо нишонии 480063, шаҳри Алмаато, ноҳияи Ауэзов, кӯчаи Курмангазы, 49, тел. 503033 ҷойгир шудааст. Директори фабрикаи мазкур Мухаметов Башир Мансурович мебошад.

Thank you for using PDF Suite

ба маҳсулоти нав вуҷуд надорад. Мо бо ширкатҳои дигар тамос гирифтанӣ шудем, аммо комёб нагардидем. Ба андешаи мо, истифода ва фурӯши равғани зардолу барои истеҳсолоти косметологӣ ва ё дорусозӣ тадқиқоти алоҳидаро тақозо мекунад.

Ҳаҷми имконпазирии бозор.
Маҳсулоти барои тавлид имконпазир метавонад чунин бошад, аз ҷумла:

- Мағзи донаки бирёни зардолу.
- Пӯстлох ба сифати маводи сӯхт.
- Равғани донаки зардолу.

Мағзи донаки зардолуи бирён. Ҳоло садҳо тонна мағзи донаки зардолу дар дохили Тоҷикистон (шаҳри Душанбе) ва барои содирот ба Федератсияи Россия аз тариқи бозорҳои чаканаи шаҳри Исфара ва Конибодом фурӯхта мешаванд. Дар худи Тоҷикистон он снеки машҳури аҳолӣ мебошад. Фурӯши маҳсулоти мазкур дар халтаҳо анҷом дода шуда, барои аҳолии маҳаллӣ бошад дар халтачаву кулутазарфҳо фурӯхта мешавад. Истеҳсолоти махсуси коркарду бастабандии тухмии зардолу мавҷуд нест.

Пӯстлох ба сифати маводи сӯхт. Пӯстлохи он маводи дуюмдараҷаи истеҳсолот буда, мушкилоте дар бозори фурӯш надорад. Бозори мақсадноки он ин аҳолии маҳаллӣ мебошад.

Пӯстлох ба сифати ашёи хом барои истеҳсолоти баланди технологӣ. Пӯстлох барои истеҳсоли ширешҳо, рангҳо, софкорҳо дар Тоҷикистон истифода нашуда, ҳоло бозори фурӯш надоранд.

Равғани донаки зардолу. Сегменти мазкур нав буда дар шаҳри Исфара истеҳсоли равғани зардолу аз мағзи зардолуе, ки шикаста ва ё шакли ғайри мувофиқи матлаб дорад, ба роҳ монда шудааст. Равғани мазкур дар ҷувоз истеҳсол шуда ба таркиби он равғани зағир, ки барои пухтани палав маъмулан истифода мешавад, дохил мешавад.

Аммо истеҳсоли бузурги равғани зардолу, ҳамчун маҳсулоти мустақил, дар қадами ибтидоӣ қарор дорад. Барои он бояд бозори фурӯши мувофиқ пайдо гардад. Дар айни ҳол дар кишвар имконияти истеҳсоли бештар аз сад тонна равғани мазкур дар як сол мавҷуд аст.

Истеъмолкунандагони асосӣ.

Истеъмолкунандагони асосии мағзи донаки зардолу аҳолии соҳиби даромади миёна ба шумор меравад. Маҳсулоти мазкур ҳамчун «бодом» фурӯхта мешавад. Маҳсулот ҳамчунин дар бозорҳои Тоҷикистон ва ҳам дар бозорҳои ҷумҳуриҳои Федератсияи Русия ва кишварҳои Аврупо ба фурӯш бароварда мешавад. Харидорон оид ба харидории он дар асоси факторҳои манфиатнокии маҳсулот барои саломатӣ, тавсияномаи духтурон, ҳамчун сарчашмаи витамин будани он қарор қабул мекунанд. Истеъмолгарон молро аз нуқтаҳои фурӯши чакана, супермаркетҳо, бозорҳои маҳалӣ харидорӣ менамояд. Аз рӯи баҳодиҳии мо талаботи умумӣ дар Федератсияи Русия нисбати он хеле бузург мебошад. Аммо ба андешаи мо бозори мавҷудбуда дар Тоҷикистон аллакай банд буда, ташкили бозорҳои нав дар хориҷа ва азхудкунии онҳо инвеститсияҳоро талаб менамоянд.

Фурӯшҳои мавсимии мағзи донаки зардолу ба мавсими фурӯши чормағз, хусусан ба вақти сард рост меояд. Мавсими фурӯш аз август то март буда, асосан дар давраи зимистон сурат мегирад, аммо дар давоми сол низ ба анҷом намерасад.

Азхудкунии бозорҳои нав ва вусъату инкишоф додани соҳаи амали он дар бозор чӣ оид ба мағзи донаки зардолу ва чӣ оид ба равғани донаки зардолу аз тариқи татбиқи коркарду бастабандии босифати он, беҳтар кардани сифати мол, қувват додани назорати сифати ашёи хом, нигоҳдории қобили қабул ва интиқоли он вобастагии зич дорад.

Пешгӯии ҳаҷми фурӯш дар бизнес - нақшаи мазкур баъди татбиқи қудратҳои нав ба ҳисоби миёна аз 10 тонна равған оғоз мегардад. Бозори фурӯши мағзи донаки зардолу тадқиқоти навро тақозо мекунад.

Истеъмолгарони равған аҳолии дорои даромади нисбатан боло ва миёна, онҳое мебошанд, ки мехоҳанд санҷиш кунанд ва саломатии худро пайгирӣ менамоянд, ба шумор мераванд. Маҳсулот бояд бастабандии гуногунро барои шаклҳои гуногуни харидорон дошта бошад, барои онҳое, ки дар бобати саломатиашон ҳамеша андеша менамоянд. Ин маҳсулот дар истеҳсолоти қаннодӣ ва кулинарӣ низ истифода мешавад, инчунин ҳамчун снекҳо харидорӣ мегардад. Он аз тариқи анборҳои чакана фурӯхта хоҳад шуд.

Нархсозӣ.

Нархи мол вобаста аз навъи зардолу, андозаи донак ва мағзи он, мавсим ва ҷои фурӯш мебошад. Нарх дар тирамоҳ минималӣ аст, зеро он мавсими ҳосили нав ба бозор мебошад. Ҳангоми нархсозӣ барои истехсоли равған муҳим аст имкониятҳои истехсолот ҳангоми арзиши аслии аз минималӣ поён ба назар гирифта шавад.

Дар ин замон нархи савдогари яклухт то истеъмолгар метавонад хеле сахт фарқ кунад. Дар замони ҳозир нарх дар бозори яклухт чунин аст:

- донаки зардолуи навъи «Бобои» 1,5 – 2 сомонӣ, дорои донакҳои калон то 3 сомонӣ барои навъи Мирсанҷилӣ и Хурмоҳӣ;
- Мағзи донаки зардолу аз 3,5 то 9 сомониро барои 1 кг ташкил менамояд. Навъҳои қиматтари мағзи донаки Мирсанҷилӣ, баъди ин мағзи донаки навъи Хурмоҳӣ – ба ҳисоби миёна 8 сомониро ташкил медиҳад. Навъҳои таркибии анвои навъҳои зардолуа стоит 6 -7 сомони. Аз ҳама навъҳои арзон навъи мағзи донаки зардолуи сафедранг мебошад. Навъҳои мазкур низ чунин таъм, аммо ранги сафед доранд. Навъхои мазкурро харида бо пӯстлох ва баргҳои маҷнунбед ранги ҷигарӣ медиҳанд. Баъдан онҳо ба навъи таркибӣ махлут карда мешаванд. Мағзи талхи донак дар бозори фурӯши яклухт бо нархи 4 сомони фурӯхта мешавад.

Бо мақсади истеҳсоли равған навъҳои таркибӣ истифода шуда метавонад. Бо мақсади истеҳсоли равған метавонад навъҳои таркибӣ, аз ҷумла талх, сафед ва арзон истифода шаванд. Инчунин ашёи хом метавонад аз ҷониби фермерҳо ва ё коркардкунандагон бевосита, бе иштироки бизнеси миёнаравон харидорӣ шавад.

Нархи маҳсулоти тайёр – равғани зардолу тахминан дар баъзе ноҳияҳо 8 доллар барои 1 литр мебошад, тавре ки он барои истеҳсолкунандаи ягонаи равғани донак дар Осиёи Марказӣ - заводи «Effektiv OIL» Узбекистон ш. Қуқанд буд.

Навъмуайянкунии равған дар молнишонӣ (этикетка) барои равғани зардолу бояд маводи таркибии мазкурро дошта бошад:

- Тарзи истифода
- Нишондиҳандаҳо оиди зидди истифода (барои маводи тиббӣ).
- Таамул накардани шахсии равған (барои маводи тиббӣ).
- Шартҳои фурӯш (барои маводи тиббӣ).

- Бе фармоиши духтур фурӯхта мешавад (барои маводи тиббӣ).
- Шакли тавлид (барои мақсадҳои ғайри ғизоӣ барои равғани зардолу 10, 25, 50, 100, 200 мл дар зафрҳои шишагии шишаи сиёҳ тавлид мешавад).
- Шартҳои нигоҳдорӣ
- Дар ҷойҳои сард ва дур аз равшанӣ нигоҳ дошта шавад.
- Муҳлати истифода

Thank you for trying PDF Suite

4. Тадқиқот оиди ташкил ва менеҷмент

Тадқиқот ва баррасии қонунгузорӣ нишон дод, ки сохтори бештар аз ҳама оптималӣ барои ташкили коркард ҶСК, ва ё АО мебошад, ва ё кооперативи истехсолӣ ё ин ки ҳамшарикӣ. Ҳар яке аз шаклҳои мазкур метавонад барои ташкили бизнес оид ба коркарди донаки зардолу ва истехсоли равғани донаки зардолу мувофиқ бошад. Муфассалтар оид ба имтиёзҳои ҳар як шакли бақайдгирии бизнесро дар нашрияи «Баррасии шаклҳои ҳуқуқии бақайдгирии бизнес. Таҳлил ва имкониятҳо». Дар ин замон, ба андешаи мо, муҳим аст ба назар гирифта шавад, ки новобаста аз шакли бақайдгирии интихобшуда, зарур аст, ки он бо истеҳсолоти кишоварзӣ вобастагӣ дошта бошад.

Нақшаи ташкил ва менеҷмент.

сохтори ташкилии ширкат одатан реактивист, на проактивӣ. Ҳангоми тартиб додани ташкил ва қабул кардани кормандон бояд равшан сохтори идорӣ ва тобеият, масъалаҳои ҷавобгарӣ ва ӯҳдадориҳо тасаввур карда шавад. Одатан ифода кардани сохтори ташкилии ширкат хеле баъд аз оғози кор сар карда шуда ҳаракатҳои аввалӣ онро ифода менамоянд, ки воқеан дар ширкат ба вуҷуд меояд. Аммо муфид аст, ки аз оғоз дарки сохторишудаи он, ки чиро ташкил кардан лозим аст, мавҷуд аст. Баъд аз он, ки сохтори воқеии ширкат муқаррар шудааст, он метавонад воситаи идоракунӣ гардад, ки ташкилотро барои расидан ба мақсадҳои муқарраршуда метавонад барад. Минбаъд мо сохтори ташкилии ширкатро меоварем, ки дар оғози кор истифода шуда метавонад.

СОХТОРИ ТАШКИЛӢ



Thank you for trying PDF Suite

Тамоми тағирот дар сохтори ташкилӣ ба салоҳияти Шӯрои Директорони ширкат мансуб аст.

Муносибат бо муассисон/саҳомон

Маҷлиси муассисон/саҳомон мақоми роҳбарикунандаи идоракунии ширкат мебошад. Муҳофизати ҳуқуқи муассисони ширкат усули бунёдии қабули кормандон ба кор мебошад. Ҳамаи қарорхои директорон бояд ба манфиатҳои муассисон ҷавобгӯ бошад. Муассисон/саҳомон ҳуқуқ доранд дар шӯрои дикторон муаррифӣ шуда бошанд, ин ба онҳо имкон медиҳад фаъолияти новобаста бурда ҳимоя ва риояи манфиатҳои муассисон дар тамоми давраи фаъолият назорат ва ҳифз карда шавад.

Усулҳои бунёдии кори Шӯрои Директорон

Ширкат метавонад дораи Шӯрои Директорон, ҳамчун қисме аз сохтори ташкилии ширкат бошад. Тавсифи ҳар як узви Шӯрои Директорон пешакӣ аз тарафи муассисон муқаррар мегардад. Дар байни Шӯрои Директорони мазкур шахсоне низ ҳастанд, ки намояндаи манфиатҳои саҳомон мебошанд. Шӯрои мазкур дар назди маҷлиси умумӣ ҳисобот медиҳад. Шӯрои Директорон ӯҳдадориҳои худро аз рӯи адолат, ақлоният ва мувофиқи вазифа иҷро карда доимо манфиатҳои беҳтарини ширкатро химоя мекунанд. Дар баробари он Шӯрои Директорон ки дар ҳуҷҷатҳои оинномавӣ дарҷ шудааст, ин мақом барои таҳияи барномаи фаъолият, пешгӯи ва ташкили рушди стратегӣ ҷавобгар мебошад. Ҳамчунин мақоми мазкур назоратро аз болои нақшаҳои бизнесӣ ва иҷрои он, вазифа тайин ва сабукдӯш кардани директор, таҳияи критерии баҳодиҳии кор, таъсир ба этика ва амалияи бизнес, татбиқи фандрайзингро анҷом медиҳад. Шӯрои Директорон ҳамаи корро барои он иҷро менамояд, ки кори Директорро оид ба татбиқи вазифаҳои гузошташуда содда намуда ширкатро ба муваффақият расонад.

Аъзоёни Шӯрои Директорон на бояд мансаби худро барои манфиатҳои шахсӣ ва ё манфиатҷӯӣ аз ҷониби сеюм истифода намоянд ва бояд махфияти ахборро риоя кунанд.

Шӯрои Директорон мақоми фаъол ва мустақили қабулкунандаи қарор буда барои дастрасии маълумоти дилхоҳи барои қабули қарорҳо зарур дошта бошад. Ҳисоботи ҳарсола ва ҳуҷҷатгузорӣ бояд оиди Шӯрои Директорон, аз ҷумла маълумот дар бораи малакаву қобилиятхои онҳо таҷрибаи кор, узвият дар ташкилоти дигар ва дигар маълумоте, ки имконияти дарк кардани нақш ва саҳми ӯро ба ташкилот медиҳад, маълумот дошта бошад.

Комиссияи ревизионӣ

Фаъолияти молиявӣ-хоҷагиро Комиссияи Ревизионӣ назорат менамояд, ки дар Маҷлиси аъзоён одатан барои 5 сол интихоб мешавад. Миқдор ва таркиби Комиссияи Ревизионӣ ҳамчунин бо қарори маҷлиси аъзоён муқаррар мегардад. Аз ҷумлаи аъзоёни Комиссияи Ревизионӣ раиси он интихоб мегардад. Комиссияи Ревизионӣ ҳар сол ревизияи фаъолияти молиявӣ-хоҷагидориро тафтиш карда дар назди Шӯрои Директорон оид ба ҷамъбасти он ҳисобот медиҳад.

Директор.

Директор роҳбари комили занҷири иҷроияи ширкат буда барои умуман ба дастовардхои умумии фаъолияти ширкат ҷавобгар буда барои дастовардҳои ширкат ва иҷрои стратегияи ширкатро ба ӯҳда дорад. Директор қарорҳои аз

Thank you for using PDF Suite

тарафи шӯрои директорон ва маҷлиси саҳомон/муассисон қабулшударо иҷро менамояд. Директор манфиатҳои ширкатро пеш бурда дар он вазифаҳои маъмуриро иҷро менамояд. Дар ҳудуди фаъолияташ ӯ ҳуқуқ дорад мувофиқи тартибхои муқарраршуда, сиёсат ва хати маши ширкат, дар вақти қабул шудани он аз ҷониби муассиону шӯрои директорон қарор қабул намояд.
Ҳамаи дигар вазифаҳо дар ширкат махсус буда ҳудуди борики ӯҳдадориҳову ҷавобгариро дар назар дошта барои рушди ширкат равона гардидаанд.

Кодекси ахлоқ, рафтори корӣ ва зиддияти манфиатҳо
Фаъолияти ширкат мувофиқи принсипҳои ахлоқиву одоб анҷом дода мешавад. Ширкат ба худ ӯҳдадориро оид ба ташкили муҳити ихтисосии корӣ мегирад. Муносибати боэҳтиром нисбати ҳамдигар яке аз унсурҳои муҳими сиёсати кадрии ширкат мебошад.

Зиддияти манфиатҳо
Ширкат ба зиддияти манфиатҳо роҳ надода манфиатҳои соҳибони ширкат, инвесторон ва саҳомонро ҳимоя менамоянд. Кормандон бояд ба ҳолатҳое роҳ намедиҳанд, ки барои ба вуҷуд омадани зиддияти манфиатҳо асос шудааст.
Тамоми амалҳое, ки аз тарафи кормандони ширкат ва ё роҳбарияти он, аз ҷумла қарорҳои бизнесӣ набояд дар пайгирии манфиатҳои шахсӣ асос ёфта, сабаби он гардад, ки корманд ин ё он масъаларо ба манфиати ширкат ҳал накунанд. Ягон корманди ширкат ҳуқуқ надорад принсипҳои мазкурро вайрон кунад.
Бо мақсади роҳ надодан ба зиддияти манфиатҳо:
Кормандони ширкат ҳуқуқ надоранд бевосита ва ё бавосита аз мизоҷон ва бенифисиарҳо мукофот гирад;
Кормандони ширкат наметавонанд вазифаҳои намояндагии дигар ташкилотро иҷ намоянд.

Сӯиистифода бо активҳои Ширкат
Кормандон барои маҳфуз будани активҳои ширкат ҷавобгар буда ин активҳоро танҳо мувофиқи ҳадафҳои аслиашон истифода намоянд. Дуздидан ва ё сӯиистифода аз активҳои мазкур барои истифодаи саривақтии чораҳои ҳуқуқии бо қонунгузории ҶТ пешбинишуда асос мебошад.

Сиёсати гендерӣ
Ширкат ба барқарор кардани баробарии гендерӣ кӯшиш менамояд, аммо ин баробарии миқдориро дар назар надошта чунин маънӣ дорад, ки ба мардон ва занон имкониятҳои баробар дода мешавад.
Ширкат ба мардон ва занон имкониятҳои баробарро барои баланд кардани малакаҳои тахассусӣ бо роҳи пешниҳоди тренингхо, семинарҳо, мизҳои мудаввар а ҳ.к. таъмин менамояд.
Ширкат принципи роҳ надоданро ба хушунат нисбати кормандон, аз ҷумла донорҳо, ҳамкорон, бенефициантҳо, мизоҷон, воридкунандагони ҷинси марду зан пайгирӣ менамояд.

Махфият
Ба кормандон ошкор кардани маълумоти махфии вобаста ба ваъолияти ташкилот манъ аст. Маълумоте, ки бояд ошкор нашавад вобаста бо технологияи истеҳсоли мол, марбути молия, маълумоти махсуси вобаста ба бехатариро дарбар мегирад, аммо бо он маҳдуд намешавад.

Робитаҳои ҷамъиятӣ

Thank you for trying PDF Suite

Ширкат пайгири меъёрҳои олии ахлоқӣ дар татбиқи робитаҳои ҷамъиятӣ ва кор бо мизоҷон мебошад.

Намунаи сиёсати зидди-дискриминатсия
Намунаи сиёсати зидди дискриминация бояд бо ифодаи мазкур дарҷ гардад:
Корфармо барои ҳама имкониятҳои баробарро пешниҳод менамояд. Корфармо кормандонро тафриқа намегузорад ва " қарорҳои дахлдорро" оид ба қабули кормандон, эълон оиди ҷои кори холӣ, ҷубронпулӣ, бекор кардани шартномаҳо, рушди вазифавии он ва дигар шароитҳо дар асоси ранги пӯст, синну сол, мансубияти этникӣ, пайдоиши миллӣ ва ё мансубияти ҷинсӣ намекунад.

Намунаи сиёсати зидди хушунат
Намунаи сиёсати anti-хушунат метавонад бо ифодаи мазкур дарҷ карда шавад:
Корфармо барои ташкили муҳити озод аз хушунат ҷавобгар мебошад. Хушунате, ки дар нишонаҳои ҷинсӣ, синну сол, мансубияти этникӣ, пайдоиши миллӣ, мансубияти динӣ ё ин ки сифатҳои аз ҷониби қонунгузорӣ пешбинишуда асос меёбад. Дар назар аст, ки ҳамаи кормандон, аз ҷумла менеҷерон ва дигар кормандони дастгоҳи маъмурӣ-идорӣ сиёсати мазкурро риоя менамоянд.

Эзоҳ: Шумо метавонед муқаррароти хушунаи шаҳвониро ба сиёсати худ ворид намоед. Намунаи таърифи он чунин метавонад буд:
Хушунати шаҳвонӣ - рафтори табиати шаҳвонӣ доштае мебошад, ки ба шахсият ва ё одамоне, ки ба онҳо равона шудааст, номатлуб ва таҳқиркунанда мебошад. Намунаи ин гуна рафтор наздикии барзиёди ҷисмонӣ, шӯхиҳои табиати шаҳвонӣ дошта, сӯҳбат ба мавзӯи шаҳвонӣ, шӯхӣ ё қайд, таъкиди мазмуни шаҳвонӣ дошта, ҳаракат, намоиш додани расму аксҳо тарҳу нигораҳои мазмуну табиати шаҳвонӣ ё порнографӣ дошта мебошад. Истифодабарии низоми компютерии корфармо барои тамошо ва ё паҳн кардани маводи самти шаҳвонӣ дошта ҳамчунин метавонад ҳамчун хушунати шаҳвонӣ баррасӣ гардад.

Риоя накардани моддаҳои кодекси рафтор
Ҳамаи кормандоне, ки оид ба фактҳои вайрон кардани кодекси мазкур дар ҷои кор ва ё ҳолатҳои бо кор водаста хабардор мебошанд (ва ё иштирокчии онанд), бояд дар бораи ин гуна вайронкуниҳои кодекси рафтор фавран роҳбарияти ширкатро огоҳ намоянд.

Методҳои ҳавасмандкунии кормандон.
Методҳои ҳавасмандкунии кормандон хеле гуногун буда метавонанд ва вобаста аз коркардашуда будани низоми идоракунӣ ва хусусиятҳои фаъолияти худи ташкилот мебошанд. Аз ҷумла методҳои мазкури ҳавасмандкунии рафтори самараноки меҳнатӣ мавҷуд аст:
- ҳавасмандкунии моддӣ;
- методхои ташкилӣ;
- ахлоқӣ-равонӣ.

Шакли бештар маъмули ҳавасмандкунии моддӣ *мукофоти фардӣ* мебошад. Онро як дафъа дар як сол/ семоҳа пардохтан мақсаднок мебошад, дар ҳолати баръакс он ба музди меҳнат табдил ёфта нақши ҳавасмандкунандаи худро аз даст медиҳад. Пешакӣ муқаррар кардани фоизи мукофот оид ба ҷамъбасти даврaро муайн карда онро мувофиқӣ дастовардҳои корманд танзим кардан мақсаднок мебошад. Андозаи мукофот маъмулан бояд на камтар аз 30% музди меҳнати асосиро (мувофиқӣ Ф. Тейлор), ташкил карда дар айни замон дар

Thank you for trying PDF Suite

зинаи поёнии роҳбарият мукофот бояд 10-30%, сатҳи миёна10-40%, сатҳи оли 15-50% бошад.
Самаранокии мукофотонӣ умдатан бо дурустии интихоби нишондиҳандаҳо, дифференсиатсияи онхо вобаста аз нақш ва сифати воҳиди сохторӣ, сатҳи мансаб, самтгирӣ ба саҳми воқеи ва натиҷаҳои ниҳои, критерийҳои тадбиркоронаи баҳодиҳии комёбиҳои корманд вобастаанд.
Қаноатмандӣ аз мукофоти моддӣ, дараҷаи адолатнокии он ташаббуси одамонро ҳавасманд карда дар онҳо садоқатро ба ташкилот парварида ба корхона коргарони навро ҷалб менамоянд.

Роҳҳои ташкилии ҳавасмандкунӣ (ҳавасмандгардонӣ) чунинанд, аз ҷумла:
Иштирок дар корҳои ҷамъиятӣ (одатан иҷтимоӣ);
Имконияти ба даст овардани донишу малакаҳои нав;
Ғанӣ кардани мазмуни меҳнат (пешниҳоди кори ҷолибтар бо дурнамои рушди вазифавӣ ва ихтисосӣ).

Методҳои ахлоқӣ-равонии ҳавасмандкунӣ чунинанд, аз ҷумла:
- ташкили шароите, ки ба ташаккулёбии ифтихоти тахассуси, ҷавобгарии шахсӣ барои кор мусоидат мекунад (мавҷудияти ҳиссаи муайяни хавф, имконияти комёб шудан);
- мваҷудияти даъват, таъмини имконияти худро дар меҳҷнат ифода намудан;
- шӯҳрат ёфтан (шахсан ва дар ҷомеа) (тӯҳфаҳои қиматнок, ифтихорномахо,Тахтаи фахрӣ ва монанди он. Барои хизматҳои шоён – додани ордену медалҳо, нишонҳои сарисинагӣ, унвонҳои фахрӣ ва дигар);
- мақсадҳои олӣ, ки одамонро ба меҳнати самаранок рӯҳбаланд менамояд (ҳамагуна фармоиш бояд дар худ элементи даъватро дошта бошад);
- муҳити эҳтиром ва боварии ҳамдигарӣ.

Назарияи ҳавасмандкунии Абрахам Маслоу.
Аввалин назарияи баррасишаванда назарияи пайдарҳамии талаботи Маслоу ном дорад. Мазмуни он иборат аз таҳлили талаботи инсон мебошад. Он назарияи барвақтӣ мебошад. Тарафдорони он, аз ҷумла худи Абрахам Маслоу, чунин мепиндоштанд, ки предмети психология рафтор, на тафаккури инсон аст. Дар асоси рафтор бошад, талаботҳои инсон қарор доранд, ки ба 5 гурӯҳ тақсим мешаванд:
- талаботи физиологӣ, ки барои ҳаёти инсон заруранд: ғизо, об, истироҳат ва ҳ.к.;
- талабот нисбати амният ва субот ба оянда – боварӣ ба он, ки аз хавфҳои ҷисмонӣ ва дигар аз ҷониби муҳити атроф дар оянда қонеъ карда мешаванд;
- талаботи иҷтимоӣ - зарурат ба муҳити иҷтимоӣ. Дар муомила бо одамон, ҳисси «китф» ва кӯмаку дастгирӣ;
- талабот ба эҳтиром, шӯхрат дар назди атрофиён ва ҳаракати шахсан комёб шудан;
- талабот нисбати худизҳорсозӣ, яъне талабот ба рушди худӣ ва татбиқи имкониятҳои худӣ. (Замимаи 1)

Маслиҳатҳои амалии ҳавасмандкунии комёбонаи кормандон
1. Маслиҳати пешгузаштагонро ба назар гиред

Thank you for trying PDF Suite

2. Шахсан шуморо чи ҳавасманд мекунад?
3. Дарк кунед, ки кормандонатон аз кор чӣ мехоҳанд
4. Ба кор таваҷҷӯҳ зоҳир намоед
5. Факторҳои халалрасонро бартараф намоед
6. Меҳрубонӣ зоҳир намоед
7. Бо ҳавасмандкуниҳои пулӣ эҳтиёткор бошед!
8. Қарор қабул намоед
9. Дигаргуниҳоро идора намоед
10. талаботи онҳоро нисбати таълим омӯзед
11. Робитаро таъмин намоед

Ҳамин тавр, барои бақайдгирии ташкилот ва интихоби нақшаи идоракунӣ тахлили ҳаматарафа зарур мебошад. Зимнан бояд ба назар гирифта шавад, ки фандрайзинг, гирифтани кредитҳо, ҷалби ҳамкорон ва инвесторон чигуна хоҳад буд.

5. Асосноккунии техникӣ

Ҷойгиршавии бизнес

Интихоби ҷойгиршавии бизнес бояд наздикӣ ба ашёи хоме, ки аз он маҳсулот истеҳсол мегардад, ба назар гирад. Наздикӣ ба боғҳои мева,ҳамчунин ба ноҳияҳои коркарди зардолу интиқоли он ва таъминот бо ашёи хомро арзон мекунад. Тавре маълум аст дар Тоҷикистон ноҳияҳои дар истеҳсоли зардолу махсусгардонидашуда 4 ноҳия мебошанд: Исфара, Конибодом, Ашт ва ноҳияи Б. Ғафуров. Дар ҳамаи чаҳор ноҳия, аз ҷумла дар ноҳияҳои ҳамсоя корхонаҳои консервабарорӣ, ки оби зардолу, баргак истеҳсол мекунанд (зардоли хушки томи бе донак) мавҷуданд. Инчунин ин чаҳор ноҳия бо Узбекистоном ва Қиғизстон ҳаммарзанд, ки дар он ҷо где зардолу парварда шуда коркард мегардад, яъне донаки зардолу низ мавҷуд аст. Зиёда аз он, минтақае, ки дар он бозорҳои яклухти донаки зардолу мавҷуданд – Исфара, Конибодом мебошанд. Ташкили хатҳои технологии қудратнокии кам дар наздикии манотиқи рустани ашёи хом имконият медиҳад, ки зиёнҳои вобаста бо интиқоли ашёи хом ба андозаи назаррас ихтисор карда шаванд.

Дастрасии доимӣ ба неруи барк низ мухим аст, зеро бояд вазъияти таъминоти Тоҷикистон бо неруи барқ таҳти назар қарор дошта бошад. Зимнан бояд наздикии манзили кормандон низ ба назар гирифта шавад. Дар корхонаи мазкур бояд дастрасӣ ба оби ошомиданӣ ва каналихатсия таъмин карда шавад.

Барои истеҳслдль метавон бинои худӣ ва иҷоравӣ истифода карда шавад. Аз ҷумла истифодаи таҷҳизот ва моликияти корхонаҳои равғанбарории мавҷуд буда, ки бинобар набудани ашёи хом- пундабона, ки ба он махсус шудаанд, ба ними неру кор мекунанд, истифода шуда метавонад.

Сохтмони сехҳо дар асоси хатҳои камқудрат мӯхлати камро гирифта зуд пӯшонида шудани воситаҳои гузошташударо таъмин менамноянд. Меъёри давомнокии азхудкунии қудрати лоиҳавӣ 6 моҳро ташкил мекунад.

Таҷҳизонидани биноҳои мазкур зарур мебошад:

1. анбор барои воридшавии ашёи хом (барои донак, мағз, маводи бастабандӣ ва дигар арзишҳои молӣ-моддӣ алохида),
2. анбори маҳсулоти тайёр,
3. бинои кори барои истеҳсолот,
4. бинои лаборатория,

5. бинои офис,
6. бинои маишӣ (либоскашӣ, ҳоҷатхонаҳо, душхона, ҳуҷраи гигиена),
7. постгоҳ.

Ҳамаи ин масъалаҳоро бояд ҳангоми таъмир ва ё омодакунии бино ба назар гирифт.

Барои истеҳсолот бояд бинои ҷавобгӯ ба талаботи санитарӣ-гигиенӣ, дорои оби ошомиданӣ, канализатсия зарур аст. Дар бино бояд барои насби хати коркард, ҳамчунин бастабандону навъгирон ҷои зарурӣ мавҷуд бошад.

Шароити санитарӣ-гигиении истехсол ва нигоҳдорӣ

Шароити санитарӣ- гигиенӣ бояд ба талаботи саноати ғизоӣ ҷавобгӯ бошад. Тозаии бино, хати истеҳсолӣ. Коркарди ҳаррӯзаи хати истеҳсолӣ, ҳар нимсола гузаштани кормандон аз санҷиши тиббӣ. Ҳоҷатхонаҳо берун аз бинои истеҳсоли ҷойгир шуда таъмири асосӣ талаб менамоянд. Душхонаҳо дар истеҳсолот ба назар гирифта нашудаанд.

Ашёи хом. Тайёр кардани ашёи хом.

Ба қавли сарагрономи Идораи кишоварзии Вилояти Суғд Абдувоҳид Ярматов дар Тоҷикистони Шимолӣ панҷ соли охир навъҳои беҳтарини зардолу ва ангур дар бештар аз 20 ҳазор гектар майдонҳои боғот ташкил карда шудааст. Майдонҳои мазкур эхё мешавад ва қисман аз нав азхуд карда шудаанд. Ҳоло дар Тоҷикистони Шимолӣ майдони умумии замине, ки ба боғот ва ангурзор ҷудо шуда бештар аз 64 ҳазор гектарро ташкил менамояд. Аз онҳо қариб 13 ҳазор гектарро ангурзор, ва 45 ҳазор гектарро – боғоти зардолу ташкил менамояд. Дар Тоҷикистони Шимолӣ, қайд мекунем, ки 10%-и ҳамаи боғоти зардолуи ҷаҳон ҷойгир буда, дар ин ҷо бештар аз сад навъи зардолу парвариш карда мешаванд. Дар баробари ин дар соли 2008 аз Вилояти Суғд ба кишварҳои сеюм бештар аз 100 ҳазор тонна хушкмева интиқол дода шудааст, ки қисми асосии онро қоқи зардолу ташкил мекунад. Дар панҷ моҳи соли 2009, яъне то оғози мавсим 65 ҳазор тонна хушкмева итиқол шудааст.

Ҳангоми истеҳсоли равғани зардолу барои воридкунандагони ашёи хом (донак) ҳамеша дилемма меистад, ки оё Мағзи донаки зардолуро ҳамчун снек ташкил кунад ва ё онро барои истеҳсоли равған фурӯшад. Таъмини ашёии хоми истехсолоти нав барои истеҳсоли равғани зардолу вобаста ба нархи аз ҷониби коркардкунандагон муқарраршуда ҳал хоҳад гашт. Бозори инкишофёфтаи фурӯши мағзи тозашудаи донаки зардолу ба муқаррар кардани нархҳои рақобатпазир ба ашё меоварад. Албатта барои онҳое, ки ба бозор дастрасӣ доранд, ин масъалаҳоро ба фоидаи фурӯш ҳамчун снек ҳал менамояд. Барои донаки зардолу, ки баъзеашон талханду майда, «шакли бозорӣ надоранд» ранг ва дигар сифатҳои ғайристандартии онҳо масъалаи мазкурро ба фоидаи истеҳсоли равған ҳал менамояд.

Корхонаҳои консервабарорӣ, ки оби мева истеҳсол карда ҳазорон тонна зардолуро дар тамоми вилояти Суғд коркард мекунанд, воридкунандагони калонтарини донак ба ҳисоб мераванд.

Ҳангоми ташкили истеҳсоли равғани зардолу муҳим аст мушаххасан воридоти ашёи хоми донаки зардолуро ба корхона ва идоракунии занҷири воридотро тахия кардан лозим аст. Барои ин бояд бо миқдори зиёди хоҷагиҳои деҳқонӣ шартнома баста шавад, ки барои парвариши дарахтони мевадор на танҳо дар вилояти наздик, балки дар ноҳияҳои ҳамсоя бо Узбекистону

Thank You for trying PDFSuite

Қирғизистон махсус шудаанд. Низоми оптималии ҳисоббаробаркунӣ бо ин кишварҳо бояд таҳия карда шавад.

Маводи бастабандӣ, қуттиҳо

Пет - проформаҳо барои равғанрезӣ метавонанд дар корхонаи махсуси «АльфаПет», ки дорои сармояи хориҷӣ буда аз тарафи С. Зикриёходжаев роҳбарӣ карда мешавад ва дар шаҳри Чкаловск ҷойгир шудааст, метавонад фармоиш дода шаванд. Корхонаи мазкур бо маводи бастабандӣ ва проформаҳо бештар аз 90% корхонаҳои вилояти Суғдро, ки нӯшоба истеҳсол мекунанд, бо пет - зарфҳо таъмин менамоянд.

Қуттиҳо низ барои воридкунандагон дар шаҳри Хуҷанд фармоиш дода мешавад ва ё аз кишварҳои Хитою Федератсияи Русия ворид карда шуданашон мумкин аст.

Коргарон

Барои ташкили истеҳсолоти равғани зардолу ҷалби кормандон ба миқдори 22 нафар, аз ҷумла коргарони истеҳсолот-12 нафар лозим аст. Ҷадвали бастӣ минбаъд оварда шудааст. Ба хароҷот барои нигоҳдории неруи корӣ музди меҳнат ва ҳисобкуниҳо ба онҳо, аз ҷумла таъминот бо либоси корӣ-хилъат ва рӯймол барои занон (10 долларӣ) ва либоси корӣ (20 долларӣ) танҳо барои коргарони истеҳсолӣ 2 дафъа дар як сол дохил мешавад.

Қувваи корӣ дар тамоми сол мавҷуд аст. Ҳавасмандкунии онҳо ба меҳнат иборат аз музди меҳнати қобили қабул, ҷои кори мувофиқ, устуворӣ ва мукофот мебошад. Аз ҷумлаи хароҷоти иловагии хароҷот барои дар анбор нигоҳ доштани маҳсулот, муҳофизат ва сигнализатсияи б инро дохил мешаванд.

Ҷадвали 2. Ҷадвали бастии намунавӣ ва буҷет барои пардохти музди меҳнат.

Номи вазифа	Миқдор ҳангоми истифодаи пурраи қудратхо	Музди меҳнат бо сомони	ФОТ дар як моҳ (сомони)
Директор	1	1000	1000
Таъминот ва маркетинг	1	875	875
Сармуҳосиб	1	500	500
Муҳандис/технолог/механик	1	500	280
Барқчӣ	1	220	220
Ронанда	1	200	200
Техничка	1	120	120
Муҳофиза	1	300	300
Ҷамъ кормандони доимӣ	***8***		***3495***
Коргоҳҳои корӣ (цехҳо)	12	300	3600
Боркашҳо	2	300	600
Челонгар	1	300	300
Ҷамъи кормандони мавсимӣ	***15***		***4500***
Ҳамагӣ	**23**		**7995**
Ҳисобкунии ФҲИА -25%			**1998,75**
Ҷамъи хароҷот барои музди меҳнат			**9993,75**

Интиқол

Ашёи хом: Бо мақсади интиқоли ашёи хом истифода аз нақиёти иҷоравӣ тавсия дода мешавад.

Thank you for trying PDF Suite

Кормандон: Дар ҳолате агар кормандон аз ҷои ҷойгиршавии ширкат дур ҷойгир шуда бошад, бояд интиқоли кормандонро то ва аз ҷои кор бо нақиёти худӣ ё иҷоравӣ ташкил карда шавад. Ва ё маблағи мазкур бояд ҷуброн карда шавад..
Маҳсулоти тайёр: То бозори фурӯш маҳсулот бояд бо вагон ва ё контейнерҳои роҳи оҳан, ҳамчунин бо нақлиёти боркашон расонида шавад.

Муҳтавои раванди технологӣ

Ду намуди равғанкашӣ мавҷуд аст, сард ва гарм.
Сард– дар тафдон коркард карда намешвад .

- **Плюс:** хусусиятҳои фоиданок комилан бокӣ мемонанд, дар дорусозӣ истифода карда мешавад
- **Минус:** коркарди миқори ками равған нисбат ба равғанкашии гарм.

- **Гарм** – коркард ба воситаи тафдон.

- **Плюс:** коркарди миқдори зиёди равған, зиёд кардани ҳаҷми маҳсулот, истифодаи он барои ғизо.
- **Минус:** хусусиятҳои витаминҳо ва туршиҳои зиёд аз байн мераванд.

Барои истехсоли равған бо мақсадҳои дорусозӣ маблағи зиёд лозим аст, аз ҷумла таҷҳизонидани лабораторияи олисамара. Ба ғайр аз ин зарур аст миқдори зиёди ҳуҷҷатҳои зиёди иҷозатдиҳанда аз СЭС, Вазорати тандурустӣ, аз ҷумла таҳлилҳои лабораторияхои мустақили хориҷӣ, дар бораи он, ки маҳсулот ба талаботи истеҳсолоти дорусозӣ ҷавобгӯ мебошад, дастрас гардад. Чунин роҳ барои мо аз нигоҳи маҳдудкунии инвеститсияҳо ба бизнес, ки марбути дархости техникӣ аст, қобили қабул намебошад. Ба мо бештар методи истеҳсоли равған барои саноати хӯрокворӣ мувофиқ мебошад. Дар раванди шарҳ технология, мо ҳар ду роҳро баррасӣ хоҳем кард.

Минбаъд мо давраҳои раванди истехсоли равғанро мушаххасан шарҳ медиҳем, ки бо нақшаи мазкур ифода гардидааст:

1. **Ҷудо кардани донаки зардолу**

Ҷудо кардани донаки зардолу одатан аз тарафи фермер дар маҳалҳо анҷом дода мешавад.

2. **Воридшавии донаки зардолу ба корхона.**

Пеш аз қабул намудани корхона озмоишгоҳ таҳлили маҳсулоти хомро мутобиқи ГОСТ 30306 – 95 ва санаи воридкунии 1997-01-01 ба ҷо меоварад. (стандарти байнидавлатӣ).

3. **Андозагирӣ.**

Минбаъд донаки зардолу андозагирӣ мегардад ва дар таҳхонаҳо (бункерҳо) ҷобаҷогузорӣ карда мешавад.

4. **Реза кардани донаки зардолу**

Реза кардани донаки зардолу ҳамчунин аз тарафи фермерон ва тоҷироне донаки зардолуро барои фирӯш ва ё коркард омода мекунанд, анҷом дода шуданаш мумкин аст. Барои рез кардани зардолу дастгоҳҳои кӯҳна бо муҳаррики дастӣ ва ё автоматӣ истифода карда мешавад (нигаред ба расми рост). Дар шароити корхона донаки зардолу реза карда мешавад ва донаки резашуда (пӯчоқ бо мағзаш) ба машинаи бо об навъ ҷудокуненда дохил мешавад, ки дар он мағз аз пӯчоқ ҷудо карда мешавад.

Thank you for using PDFSuite

5. Дар анбор ҷойгир кардани пӯчоқ.

Баъди ҷудо кардани мағзи донак аз пӯчоқ, пӯчоқи он аз тариқи унсурҳои интиқолӣ ба анбор расонида мешавад.

6. Тоза кардани тухмӣ

Тайёр кардани тухмӣ аксаран иборат аз ҷудо кардани омехтаҳои нодаркор ва бегона мебошад. Чангу ифлосӣ дар рӯи тухмӣ барои кори таҷҳизоти равғанкашӣ монеъа ҳосил мекунанд. Коҳе, ки дар рӯи тухмӣ боқӣ мемонад, равғанро ҷазб менамояд ва онро аз экспеллер ҷорӣ шудан наметмонад. Қуми ба тухмӣ часпида дар прессҳо ҷамъ мешавад. Санг метавонад прессро хароб кунад.

Thank you for trying PDF Suite

Блок-схемаи1. Раванди истеҳсоли равғани зардолу.



Thank you for using PDF Suite

7. Хушккунии тухмӣ

Донаки намнокро ба ҷамъоварии пасти равған оварда ба қисмҳои муҳаррики пресс монеа месозанд. Тухмии намнокро низ ба пайдоиши мағор, ки спораҳои он дар ҳамаи растанӣ мавҷудаст, мерасонанд. Зимнан барои навъхои гуногуни тухми дараҷаи гуногуни намнокӣ дар тухмӣ хос аст.

Рас 2. Дастгоҳи худисохтори механикӣ барои реза кардани донаки зардолу.

8. Нигоҳдорӣ

Баъд аз он, ки тухмӣ тоза ва хушк карда шуда аст. Баъди он ки тухмӣ тоза ва хушк карда шудааст, онҳо бояд бастабандӣ шуда то замони истифодабарӣ аз намкашӣ боэхтиёт нигоҳ дошта мешаванд.

9. Омода кардани тухмӣ то пресскунӣ

Аксаран барои истеҳсоли равған тухмӣ гарм карда мешавад. Тухмии гарм равғанӣ бештар медиҳад. Ҳарорати мусоид аз 40 то 70 градус аз рӯи Селсий мебошад. Агар ҳаҷми тухмӣ кам бошад, дар коргоҳҳои хурду миёна онро зери нурҳои офтоб мегузоранд. Агар ҳаҷми тухмӣ зиёд бошад, баъди раванди нигоҳдорӣ, тухмиро бо дастгоҳҳои гармкунӣ гарм мекунанд.

10. Пресскунии равған

Дар пресси равғанкаши равғани якумро кашида, кунҷораи онро аз тариқи тафдон ба персси равғанкашии дуюм мерасонанд. Равғани аз персскунии якуму дуюм гирифташуда ба зарфҳо ворид мегардад (сиёҳи рафинатсиянашуда).

а. Методи сарди равғанкашӣ

Равған метавонад бо роҳи механикӣ бо роҳи кӯфтан кашида шавад, ки дар он кӯфтан ба воситаи экспелер ва ё ҳовани чӯбӣ тачҳизоти корӣ мебошад, методи анъанавӣ, ки дар Ҳиндустон оғоз шудааст. Ҳоло қисми зиёди прессҳои андозаи гуногун барои истифода дастрас мебошад.

Принципи кории экспеллерҳо дар он аст, ки онҳо донакро дар силиндри шафақӣ бо червячный тискҳо (шуруп) ва пресси афзоянда пачақ мекунанд. Донак бо совиш ё гармкунакҳои барқӣ ва ё ҳар ду гарм мешавад. Равғани ҷудошуда аз сӯрохиҳо дар охири силиндр мерезад. Кунҷораи прессшуда низ аз охири силиндр ҷудо карда мешавад.

Ду навъи бо дизайн фарқкунандаи экспеллерҳо мавҷуд аст. Мувофиқи методи якум ин силиндри ягона мебошад, ки кунҷораро фишурда ба шакли ҳаб

медарорад, ва шакли дигар –усули анъанавии хона-хонаи червячный пресс, ки ҳиссаҳои калони кунҷораро тела мекунанд.

b. Экспеллерҳои равған

Аксари экспеллерҳои прессҳои яксилиндра мебошанд. Аксари онҳо дар кишварҳои Аврупо фурӯхта шуда асосан барои канола сохта шудаанд.



Рас. 3. Экспеллери яксилиндра дар буриш

рис 4. Экпеллер.

Гирифтани равған аз тариқи экспелер (аз тариқи ба ҳамдигар печонидан) бештар самаранок мебошад, зеро баҳравар аст. Ҳамин тавр дар персскунии гидравликӣ дар кунҷора 4-6% равған боқӣ монад, дар равғанкашии экспелерии пресскунӣ бақияи равған 3-4%-ро ташкил менамояд.

Бартарӣ дар истифодабарии экспеллерҳо:

- Он таҷҳизоти бештар барои экстраксияи механикӣ мувофиқ дар замони мо мебошад.
- Он меҳнати камтарро нисбат ба дигар методҳои равғанкашӣ талаб менамояд
- Ҳамин тавр нархи неруи барқ ва меҳнат, роҳ, истифодаи экспеллерҳо сарфакорона мебошад
- Самаранокии таҷҳизот бештар аз истифодаи гурӯҳи таҷҳизот мебошад
- Экспеллерҳо нисбат ба прессҳои гидравликӣ равғани зиёдтар истехсол мекунанд.

Норасоии истифодабарии экспеллерҳо

Таҷҳӣзоти барои харидорӣ зарур

- Нархи таъмири роҳ, он механикҳои соҳибмалакаро металабад
- Таҷҳизоти неруталаб, нисбат ба гурӯҳи таҷҳизоти гидравликӣ
- пресс бояд беист, камаш дар давоми 8 соат кор кунад ва кори қисм-қисм бесамара хоҳад буд
- Равғанги баъди экспеллер тиратар нисбат ба пресси гидравликӣ буда гармкунӣ ва софкориро металабад.

Дар вақти пресскунии равған он рафинатсия намешавад, яъне антиоксидантҳо, витамин ва хосиятҳои тамъии он боқӣ мемонанд.

Бинобар ин тадқиқоти дар Узбекистон гузаронидашуда маълум гардид, ки миқдори равғани сиёҳ мувофиқи мавод оиди таҷҳизоти истехсоли олмон **«SKET»** ба тариқи зайл мебошад: равғани зардолу –12-15% , шафтолу - 5% , олу – 8-10 %. Миқдори равғани рафинатсияшуда қариб 80% аз равғани «сиёҳ» мебошад.

11. Тозакунӣ

Тозакуни чунин иловаҳоро монанди гӯшт, об, мумро тоза мекунад. Тозакуниро бо роҳи таркунии чандрӯза ва тоза кардани қабати болоӣ иҷро карда мешавад. Агар равған тозакунии бештареро талаб намояд, софкорҳо истифода мешаванд. Дар натиҷа истеҳсолгарон равғанро барои нобуд кардани бактерияҳо ва буғ кардани об гарм мекунанд. Равғани аз ҳама соф ҳаматараф муҳим аст, ҳатто барои истеҳсоли сузишвории биологӣ.

12. Дегуммизатсиякунонӣ.

Дегуммизатсиякунонӣ бояд раванди дур кардани фосфоролипидҳо аз равған мебошад. Бештари одамон маслиҳат медиҳанд, ки гидратҳоро дар давоми давраи аз як то ду ҳафта хориҷ кардан мумкин аст. Ба ҳар ҳол, зарур аст, ки чандин дараҷаи тозакунии химиявӣ гузарад, ки равғани босифати ғизоӣ ҳосил гардад.

13. Рафинатсия, равшанкунӣ ва деодоратсия

Равғани истехсолшуда на ҳамеша рафинатсия, равшанкунӣ ва деодоратсияро металабанд. Ба ҳар ҳол барои ҳосил кардани маҳсулоти тиҷоратӣ бояд маҳсулоте ҳосил карда шавад, ки, тавре инро бозор металабад, аз се зинаи коркард гузарад. Ин раванд дар худ дохил мекунад:

Раванди рафинизатсия. Рафинизатсия одатан дар ду қадам анҷом дода мешавад. Қадами аввал - дегумизатсия, қадами дуюм нейтрализатсия мебошанд, ки дар он ҳиссачаҳои озоди чарб дар равғани хом бо содаи каустикӣ

Thank you for trying PDF Suite

аз маҳлули гидроксиди сода дар маҳлули оби, ки дар он рафинизатсия мешавад, ҷудо карда мешавад. Аз ғилзат ва зичии сода ранги равған– тобишҳои гуногуни он вобаста мебошад. Дар натиҷа ашёи хом барои собун, ки аз тариқи софкорҳои чоркунҷашакл мегузарад, таҳшон мешавад. Баъд аз он равған аз центрифуга гузаронида мешавад.

Равшанкунӣ. Дар ин давра равған бо яке аз навъҳои глинозем махлут карда мешавад, ки он ба худ ранг ва баъзе омехтаҳоро аз қабили собун, ҳиссачаҳои оҳан ва ҳиссачаҳои олтингӯгирдро мегирад.

Деодоратсия. Ин раванди қатронкунӣ аст, ки дар ҳарорати баланд ва фишори паст мегузарад. Равған таҳти вакуум қарор дода мешавад ва бо буғ гарм карда шуда аз он таъм, бӯй ва чарбҳои озод хориҷ карда мешаванд. Деодоратсия аз тариқи гузаронидани равған аз ангишти активатсияшуда анҷом дода мешавад.

Равғани тайёр барои санҷӣш ба лаборатория супорида мешавад ва гузариш аз як зина ба дигараш бо иҷозати кормандони лаборатория анҷом дода мешавад.

Дар натиҷа аз равғани «сиёх» қариб 80% равғани рафинатсияшуда ҳосил мегардад.

14. Бастабандӣ ва нигоҳдории равған

Равғани донаки зардолуи ҳосилшуда ба зарфҳои зарурӣ андохта нигоҳ дошта мешаванд. Барои бастабандӣ бояд контейнерҳои хушку тоза истифода карда шавад. Контейнерҳои мӯхршудаи шишагин ва пластикӣ имконият медиҳанд, ки мӯҳлати нигоҳдории маҳсулот зиёд карда шавад. Дар шароити нормалӣ мӯҳлати нигоҳдории равған 12 моҳро ташкил медиҳад. Зимнан равғанро бояд аз гармшавӣ ва тобиши нури офтоб муҳофизат кардан лозим аст. Системаҳои пӯлодӣ ва пластикӣ барои ҳаҷми калон хубанд.

Таҷҳизот барои истеҳсоли равғани зардолуё

Бо ҳуҷҷати мазкур мо пешниҳод дорем, то таҷҳизот ва дастгоҳҳои мазкур харидорӣ шаванд.

Ҷадвали 3. Рӯхати таҷҳизоти зарурӣ.

Номи таҷҳизоти мазкур	**миқдор**	**маблағи инвеститсия, бо долл. ИМА**
Бункерҳо барои нигоҳдории донак, барои 50 тонна	2	20 000
Калибргирак барои донак	1	10 000
Резкунак	1	4 000
Мошини навъгири обӣ	1	9 000
Транспортери фитаӣ	4	4 000
Контейнер барои ҷойгиркунӣ дар анбор	2	2 500
Мошини шустушӯй	1	12 000
Тафдони хушккунӣ	2	18 000
Пресс	1	6 000
Софкорҳои чоркунҷа	2	5 000
Тағорахо барои гармкунӣ/доғкунии равған	2	3 000
ҳати рафинатсиякунонӣ, равшанкунӣ ва деодоратсия.	1	20 000

Thank you for trying PDF Suite

Хати рехтани равған	1	5 000
Таҷҳизоти лабораторӣ ва васоил	1	8 000
Мебели умумии коргоҳ, комплект	1	2 000
Ҷамъ		128 500

Дар ҳоли зарурат ва мушкилӣ дар ҷустуҷӯй, расонидан, лоиҳакашӣ ва насби таҷҳизот, ҷустуҷуӯ, интихоб ва дизайни маводи бастабандӣ коркарди ҳама навъ шартҳои техникӣ ва дигар амал метавонед ба ҶСК «Маркет плюс», бо нишонии ш. Хуҷанд, куч. Ленин 85а, телефон 992 92 7704522 (www.marketplus.org) муроҷиат намоед.

Истеҳсоли ангишти активатсияшуда аз донаки зардолу

Дар замони ҳозир технологияҳои истехсоли ангишти активатсияшуда мавҷуд аст, ки ҳоло маводи талаботи олӣ мебошад. Сохтори талаботи ангишти активатсияшуда дар кишварҳои пешрафта чунин аст:

- Тоза кардани оби ошомиданӣ - 34 %;
- Тоза кардани газ, ҳаво, катализ ва диг. - 26 %;
- Саноати хӯрокворӣ - 22 %;
- Саноати кимиё ва дорусозӣ – 18 %.

Мушаххасан, дар Институти химияи физикӣ-органикӣ ва углехимияи ба номи. Л. М. Литвиненко АИ Украина роҳи истифодабарии комплексии партовҳои коркарди меава - утилизатсияи донакҳои мева- зардолу, шафтолу, олу, олуболк, пӯстлохи чормағз барои ҳосил кардани адсорбентҳои олӣ, ки дар тиб ва саноат истифода мешаванд, мағзи донаки зардолу барои ҳосил кардани ашёи қиматноки хом барои саноати ғизоӣ ва атриёи – равғани кор карда шудааст.

Ҷадвали 4. –Характеристикаи ангишти активатсияшуда, ки аз донаки зардолуҳосил шудааст

Характеристика	**Андозаҳо**
Андозаи ҳиссача	0 -0,5 мм
Ҳаҷми умумии пораҳо	1,8 - 20 см3/г
Сатҳи аслӣ дар ҳарорати активатсияшавӣ 650 – 750 °С	450 -900 м2/г
Зичии ба назар мерасида	0,34 г/см3
Фаъолияти адсорбсионӣ оид ба и кабуд	24,7 -110,0 мг/г
Мавҷудияти хокистар	2 - 3 %
Мустаҳкамии механикӣ	78,9 %
Мавҷудияти углерод	93 - 95 %
Мавҷудияти водород	1,3 - 2,0 %
Мавҷудияти кислород	0,3 - 0,7 %
Мавҷудияти азот	0,3 - 0,7 %
мавҷӯдияти сер	0,15 - 0,3 %
Мавҷудияти оҳанҳои вазнин ва элементҳои канданиҳои фоиданок (редкоземельных)	Дар сатҳи фон

Дар ҷадвали5 характеристикаи ангишти активатсияшуда дода шудааст, ки аз донаки меваҳои гуногун истеҳсол шудааст. Маълум аст, ки сатҳи зиёдтарини аслӣ дар адсорбентҳо аз донаки зардолу мавҷуд мебошанд.

Ҷадвали 5- Характеристикаи ангишти активатсияшуда, ки аз донаки меваҳои гуногун ҳосил шудааст.

Thank you for trying PDFSuite

Маводи аввалия	ҳарорат,0С	Сатҳи аслӣ SБЭТ м2/г
Пӯчоқи донаки зардолу	650-750	350-900
Пӯчоқи донаки шафтолу	700-850	350-850
Пӯчоқи донаки олу	650-850	200-650
Пӯчоқи чормагз	600-750	350-650
Донаки ангур	600-800	250-500
Донаки гелос	500-800	270-500

Нигоҳдори. Нигоҳдории ангишти активатсияшуда дар ҷои хушк анҷом дода мешавад.

6. Тадқиқоти молиявӣ

Фаъолияти пешазамалиётӣ то аввали истеҳсол хароҷоти мазкурро талаб менамояд:

№	Номгӯй хароҷот	Нарх бо долл.	эзоҳ
1	Иҷораи бино дар давраи ҷойгиркунӣ ва таъмир (2 моҳ)	1,000	Минбаъд эзоҳи 1
2	Харидории таҷҳизот (хароҷоти камтарин)	128,500	Минбаъд эзоҳи 2
3	Харидории контейнер ба сифати анбор	1,000	
4	Музди меҳнати кормандон (давраи ба коргирӣ, таҳсил, ба қудрати нақавӣ баромадан) – 1 моҳ	1,000	Не полный состав
5	Таҷҳизонидани биноҳои офис ва маишӣ	2,000	
	Ҳамагӣ хароҷоти пешазамалиётӣ	133,500	
	Ташкили захираҳо		
	қӯттиҳо	1,000	
	Пет проформахо	2,000	
	Ашёи хом/сода	10,000	
	Ҳамагӣ захираҳо	13,000	

- эзоҳи 2: бино метавонад дар соҳибият бошад, барои харидорӣ ва тайёр кардани он бештар аз 50,000 доллар лозим аст.
- эзоҳи 1: мумкин аст нарх аз ҳисоби харидории таҷҳизоти самараноктар қимат гардад.

Тахмин мекунем, ки давраи истеҳсоли зардолу, интиқолу расонидани он то харидор 2 моҳро ташкил медиҳад. Яъне маблаги воситахои барои сармояи гардиши зарур 23000 долларро ташкил менамояд. Маблаги умумии камтарини барои оғози бизнес зарур 159,500 доллари ИМАро ташкил менамояд.

Истеҳсол ва коркарди равғани зардолу бизнеси хеле махсус мебошад. Аммо, агар равғани чормағзи ҳамчун заминӣ маҳсулоти ғизоӣ дар бозори дохилӣ истеъмол намегардад, дар бозори хориҷӣ камошно мебошад. Тадқиқоти дар Алмаато оид ба маркетинги равғани зардолу дар сегменти равғанҳои ғизоӣ гузаронидашуда нишон дода, ки фурӯи равғар дар шароити EXW корхона дан Узбекистон бо нархи 4 доллар қобили қабул нест, зеро ин маҳсулот дар бозор маълум намебошад.

Дар ҳолати маълум набудани нархҳои харид ба равғани зардолу фоидаи фаъолияти мазкурро муайян кардан ғайриимкон мебошад. Мумкин аст танҳо аз

Thank you for trying PDF Suite

соҳаҳои марбут, инчунин бо тадқиқоти иловагӣ ва ҷустуҷӯи харидорон дар байни муассисаҳои Аврупо тахмин кард.

Бо истифодаи коэффисиенти ҳосилшавии равғани донак метавон арзиши аслии донакро барои 1 кг равғани тайёр муқаррар карда шавад.

1. 1 кг донак* 12% равған * 80% равғани баъди рафинатсия = 96 грамм
2. 1 литр / 96 грамм = 10,4 кг донак
3. 10,4 кг донак * 2 сомонӣ = 20,8 сомонӣ = 4,7 доллари ИМА.

Яъне нархи мо бинобар арзиши ашёи хом аз андозҳои минтақа хеле зиёд мешавад. Баррасии дигар намуди коркард, аз ҷумла равғани зардолу барои мақсадҳои доруворӣ, коркарди пӯчоқи зардолу низ муқаррар кардани талаботи бозорҳои мақсаднокро талаб менамояд.

7. Хавфҳои амалиётӣ ва қонунгузорӣ.

Истеҳсолот ҳамчун дигар фаъолияти соҳибкорӣ бо хавфҳое, ки онҳо бояд идора карда шаванд, вобаста мебошад. Минбаъд хавфҳои амалиётии мазкур ва қонунгузорӣ, роҳҳои паст кардани хавфҳои мазкур оварда мешаванд.

Ному хароҷот	**Роҳҳои паст кардани онҳо**
Гум кардани бор (ғайриимкон будани ёфтани гунаҳкорон) вобаста бо убури сарҳадҳои зиёд	Суғуртаи бор, кор бо ширкати логистикии санҷидашуда, интиқоли ҷавобгарӣ барои бор ба харидор
Ашёи хоми бесифат	Бастани шартнома бо хоҷагиҳои деҳқонӣ барои воридкунии ашёи хоми босифат Назорати сифат дар духул
Маҳсулоти бесифат	Тачҳизонидани лабораторияи босифат Риоя кардани технология Қабул кардани технолог Ашёи хоми босифат Риоя кардани меъёри истеҳсолот Татбиқи низоми ХАССП
Набудани харидор	тадқиқот Маркетингӣ бастани шартнома барои воридкунӣ стратегияи маркетингӣ
Куштани неруи барқ	Бояд бинои коргоҳ бинобар дастрасӣ ба неруи барк интихоб карда шавад. Инчунин зарур аст генератори барқи барои ба охир расонидани сикл дар вақти куштани неруи барқ дар раванди корҳо гузошта шавад.
Ба фурӯш роҳ наёфтан, конфискатсияи бор аз тарафи мақомоти давлатӣ	Бақайдгирии маҳсулот дар госстандарт, шояд бақайдигирии ТУ. Риояву бақайдгирӣ дар СЭС Татбиқи ISO 22000 Гирифтани иҷозат аз вазорати тандурустӣ ва мақомоти ваколатдори он (барои маҳсулоти доруворӣ).

Хафҳои қонунгузорӣ мавҷуд нестанд.

Thank you for buying PDF Suite

Хулоса оид ба асосноккунии техникӣ-иқтисодӣ

Дар ин ҷо таҳлили имконияти татбиқи барнома оид ба коркарди партовҳои зардолу дар Тоҷикистон дар сатҳи намояндаи МСБ аз тариқи асосноккунии техникӣ-иқтисодии лоиҳа оварда шудааст. Барои татбиқи тадқиқот асосан сарчашмаҳои дуюмдараҷа, интернет, нашрияхо, аз ҷумла маводи тадқиқоти дар ҶММ “Маркет Плюс” гузаронидашудаи «тадқиқоти Маркетингӣ оид ба муқаррар кардани бозорҳои имконпазири фурӯши равғани донаки зардолу», ки дар моҳи декабри соли 2006 дар Узбекистон ва Қазоқистон татбиқ шудааст, инчунин интервю дар маҳали парвариши зардолу истифода шудааст.

Дарахти зардолу дар урфият дарахти бепартов номида мешавад. Ҳамаи қисмҳои зардолу аз ҷумла ҳезум ва шохаҳои баъди шохабуррӣ мондаи он меваи он баро коркард ба кор меравад. Баъди коркарди мева миқдори зиёди донак боқӣ мемонад. Донаки мазкури зардолу бо он қиматнок аст, ки аз пӯчоқ ва ҳам аз мағзи он маҳсулоти зиёд истеҳсол мешавад.

- Пӯчоқи зардолуа
    - Ба сифати маводи сӯхт барои тайёр кардани ғизо ва гармшавӣ
    - Судаи хокаи он истифода мешавад
        - Дар таркиби ширеши мебел.
        - Дар маҳлулҳо барои эҳёти нигораҳо
        - Барои сайқалдиҳии нозуки дастгоҳи кайҳонӣ ва ҳавопаймоӣ
        - Барои истеҳсоли ранг
        - Барои истеҳсоли скрабҳои нозуки пӯсттозакунанда.
    - Барои истеҳсоли софкорҳои ангиштӣ. Софкорҳои дорои пӯчоқи дона-дона софкорҳои катионӣ барои саноати шаробҳо.
- Мағзи донаки зардолу
    - Тухмии зардолу гликозид амигдалин –асоси витамин В17-ро доранд.
    - тухмии зардолу 30—40% чарб дошта барои истеҳсоли равғани зардолу лозиманд.
    - тухмии зардолу дар рецептҳои мураббои зардолу ва кулчақандҳои италянӣ ва арақи Amaretto истифода мегарданд.

Мағзи донаки зардолу дорои миқори зиёди витамини В-17 дар байни дигар моддаҳо мебошад.

Донаки зардолу дорои миқдори зиёди равған мебшад, ки гирифтани он имконият медиҳад ассортименти раганҳои ғизоӣ ва дорорӣ зиёд шавад, махсусан бинобар он, ки коркарди донаки мева мушкилоти зиёди технологиро барои корхонаҳои равғанбарорӣ эҷод намекунад.

Минбаъд бо соҳаҳои истифодабарии Равғани зардолуро ифода мекунем:

- пешгирии бемориҳои гуногун.
- Дар дорувори косметологӣ.
- Бо мақсадҳои тиббӣ.
- Дар ароматерапия ва истеҳсоли равганҳои эфирӣ.
- Ҳамчун равғани массажӣ.
- Ҳамчун равғани ғизоӣ.
- Ба сифати иловаҳои фаъоли биологӣ.

Дар Исфараву Конибодом бозорҳои яклухт мебошанд, ки дар он донаки зардолу ва Мағзи тозакардашудаи донаки зардолу фурӯхта мешаванд. Мағзи донаки зардолу ба сифати «бодом» дар бозорҳои мақсаднок, асосан дар ш. Душанбе фурӯхта мешавад.

Thank you for trying PDFSuite

Пӯчоқе, ки дар натиҷаи ҷудо кардани Мағзи донаки зардолу боқӣ мемонад, ба аҳолӣ фурӯхта мешавад ва ё ба сифати музди меҳнат дода мешавад. Пӯчоқ ба сифати маводи сӯхт, пухтани ғизо ва гармкунӣ истифода мешавад.

Равғани зардолу дар замони татбиқи тадқиқот истеҳсол намешавад, зеро бозорҳои фурӯш мавҷуд нест. Ба андешаи мо агар равғани зардолу дар Тоҷикистон истеҳсол шавад, он бояд ба содирот тайёр карда шуда, бозори содирот бояд аз тариқи тадқиқоти маркетингӣ муайн карда шавад.

Гузаронидани тадқиқот дар ш. Алмаато оид ба имкониятҳои фурӯши равғани зардолу дар сегменти равғанҳои ғизоӣ нишон дод, ки маҳсулоти мазкур дар пештоқи мағозаҳои Казоқистон нест. Сегменте, ки дар он мо метавонем равғани зардолуро ҳамчун равғани ғизоӣ фурӯшем.

Истеъмолгарони асосии Мағзи донаки зардолу аҳолии дороии миёна мебошанд. Маҳсулот ба шакли «бодом» фурӯхта мешавад. Нархи Мағзи донаки зардолу аз яклухтфурӯшӣ то истеъмолгар хеле зиёд фарқ мекунад. Дар замони ҳозир нарх дар бозори яклухт чунин аст:

- донаки зардолу навъи «Бобои», 1,5 – 2 сомонӣ, навъи донаккалон то 3 сомонӣ барои навъҳои Мирсанҷилӣ ва Хурмоҳӣ.
- Мағзи донаки зардолу аз 3,5 то 9 сомонӣ барои 1 кг фарқ мекунад.

Истеъмолгарони равғани зардолу аҳолии дорои даромади баланд мебошад.

Тайёр кардани донак барои коркард аз тариқӣ хоҷагиҳои деҳқонӣ ва фермерӣ, корхонаҳои консервабарорӣ, ки маҳсулотро истеҳсол мекунанд, инчунин аз ҷониби соҳибкорон анҷом дода мешавад.

Тадқиқот ва баррасии қонунгузорӣ нишон дод, ки барои ташкили коркард шакли бештар мувофиқи ташкилот Ҷамъияти масъулияташ маҳдуд ва ё Ҷамъияти саҳомӣ ё ҳамшарикӣ мебошад.

Интихоби ҷойи ҷойгиршавии бизнес бояд дар наздикии ашёи хоме, ки аз он маҳсулот истеҳсол мегардад, бошад. Аз ҷиҳати ҷойгиршавии географӣ истехсолоти мазкур метавонад дар манотиқи истеҳсолгари хушкмева, хусусан дар Исфара, Конибодом ва ё Ашт бошад. Ҳамчунин метавон ноҳияи Б. Ғафуров баррасӣ гардад. Ҳоло дар вилояти Суғд 45 ҳазор гектар зардолузор мавҷуд буда боғот зиёд шуда истодаанд. Барои истеҳсол метавон бинои худӣ ва иҷоравӣ истифода гардад.

Дастрасии доимӣ ба неруи барқ, бинобар вазъияти дар Тоҷикистонбуда бо неруи барқ, ба назар гирифта шавад. Ҳамчунин бояд наздикии сукунати кормандонро ба назар гирифтан лозим аст. Дар корхонаи мавҷуда бояд дастрасӣ ба обу канализатсия ба назар гирифта шавад.

Дар истеҳсоли равғани зардолу барои воридкунандагони ашёи хом (донак) ҳамеша дилеммае мавҷуд хоҳад буд, ки оё Мағзи донаки зардолуро ҳамчун снек ва ё ҳамчун равған фурӯшанд. Таъмини истеҳсолоти нав бо ашёи хом барои истеҳсоли равғани зардолу вобаста ба нархи аз ҷониби коркардкунанда муқарраршуда анҷом меёбад. Бозори инкишофёфтаи фурӯши мағзи донаки зардолу рақобатро дар бозори ашёи хом ба амал меоварад.

Хамин тавр, таҳлил нишон дод, ки лои коркарди партови зардолу аз ҷихати технически имконпазир аст, аммо бизнес фоиданок мешавад, агар мо бозори фурӯшро барои маҳсулоти альтернативӣ, на равғани ғизои пайдо кунем. Барои ин маълумоти иловагӣ ва бозорҳои мушаххас заруранд.

Thank you for trying PDF Suite